НАБИҶОН МУСТАФОЗОДА

# РОЗИ МУҲОҶИР

ДУШАНБЕ
2020

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**М -**

Муҳаррир: **Исмоили ЗАРИФӢ**

**© Набиҷон Мустафозода, 2020**

*Набиҷон Мустафозода (Шодиев) 21-уми феврали соли 1976 дар деҳаи Кулолии Ҷамоатии деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Хатмкардаи мактаби миёнаи рақами 7-и ба номи Муродуллохи Шерализода, аввалин шаҳиди ҷанги шаҳрвандист.*

*Аз хурдӣ чун аз назди хонаашон одамони зиёде гузашта ба зиёрати мақбараи Устод Рӯдакӣ мерафтанд, таманно менамуд, ки шеър гӯяду бо пайраҳаи ӯ қадам занад.*

*Аз ин рӯ қалам ба даст гирифт ва хабару мақолаҳояш дар давраи дар мактаби миёна хонданаш дар рӯзномаҳои «Зарафшон», «Ҷавонони Тоҷикистон, «Анбоз», «Ҷумҳурият», «Садои Мардум» ва маҷаллаи «Машъал» чоп шудаанд. Фаъолтарин узви маҳфили «Бунафшаи Зарафшон» буд.*

*Хатмкардаи бахши физикаи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ва бахши ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва мебошад.*

*Барои саҳмаш дар тарғиби санъати тоҷик дар шаҳри Москва соли 2018 бо нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» шарфёб шудааст.*

*Набиҷон даъвои шоирӣ надорад, вале шеър мегӯяд. Баъзе шеърҳояш ба репертуари ҳофизони мамлакат дохил шудаанд. Силсилаи шеърҳояш соли 2019 ба китоби дастҷамъии «Суханварони Зарафшон» дохил шудаанд, ки аз тарафи хонандагон хуш пазируфта шуданд. «Рози муҳоҷир» китоби нахустини ӯст.*

*Дар шеърҳои Набиҷон хонанда баъзан ба сактаҳои вазнӣ ва умумигӯӣ вомехӯрад, вале онҳо ҳусни ашъори ӯро намекоҳонанд, чунки хонанда ҳис мекунад, ки як фарди муҳоҷир бо тамоми ҳастӣ ба Ватан муҳаббати хешро изҳор менамояд.*

*Мо дар ин ҷодаи сангин ба муаллифи китоб барору комёбӣ мехоҳем.*

***Исмоил Зарифӣ, барандаи Ҷоизаи Камоли Хуҷандӣ***

## ВАТАНРО ЁД ХОҲАМ КАРД

Ҷудо аз хоку аз сангаш,
Зи дарёи хушоҳангаш,
Дур аз гулҳои хушрангаш,

Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Дур аз обу дур аз нонаш,
Ҷудо аз кулчаи хонаш,
Чу як фарзанди пазмонаш,

Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Даме бо ҳасрати бисёр,
Нишинам бо ду чашми чор,
Нахобам гар шабони тор,

Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Агарчи шоҳу султонам,
Расам бар ҷумла армонам,
Қасам бар ҷону виҷдонам,

Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

Ватан-ин модари ҷонам,
Ватан-ин бахти хандонам,
Фидои Тоҷикистонам,

Ватан бар ёд меояд,
Ватан бар ёд меояд.

## ШАМЪИ МУЛКИ ХОМӮШОН

***Дар сӯгвории шаҳиди роҳи ҳақ***
***Муродуллоҳ Шерализода***

Шамъи маҳфил рафту дигар равнақи бозор нест,
Андар ин зулматсаро аҳли хирадро бор нест.

Маскани аҳли ҳақиқат гӯшаи дорулбақост,
Ростӣ, олам макони марди хубкирдор нест.

Кохи ваҳдатро ба хуни қалб бояд сохтан,
Пеши рӯи аҳли дил дар ҷода ҷуз девор нест.

Ҳар кӣ аз бухлу ҳасад зад тир андар синааш,
Ҷои ӯ хокасту номаш ҷуз каси бадкор нест.

Гул бирафту ҷои ӯро хор мехоҳад гирифт,
Чун дар ин гулшан нишоне ҷуз қудуми хор нест.

Мо ба дасти хеш месӯзем хонумонамон,
Дар дили мо раҳму шафқат, нангу ному ор нест.

Золиме, ки мекушад бо дасти худ фарзанди худ,
Зинда дар олам намонад, ҳеҷ гаҳ подор нест.

Оқилӣ варзу ду дасти хеш аз хун боздор,
Пешрафти мулк дар бадномию куштор нест.

Чун Муродуллоҳ намеояд дар ин олам дигар,
Инчунин мардони номиро дигар такрор нест.

Ӯ бирафту дар биҳишти ҷовидон маъво гирифт,
Қотилони носипосашро ҷазо ҷуз дор нест.

## ЁД КАРДАМ

Ман он кӯҳу даманро ёд кардам,
Ман он боғу чаманро ёд кардам.
Ватан гулгашти зебои биҳишт аст,
Биҳишту настаранро ёд кардам.

Дур аз он кӯҳу саҳро ман ғарибам,
Дур аз он боғу дарё ман ғарибам.
Ватан модар, Ватан ёри қарин аст,
Дур аз он ёри зебо ман ғарибам.

Зи бар дарёи умри ман равон аст,
Дареғо, пираму дунё ҷавон аст.
Ғарибӣ ҷисму ҷонам сахт озурд,
Дили ҳасраткаши ман нотавон аст.

Ҳама сӯи Ватанро ёд кардам,
Гулу боғу чаманро ёд кардам.
Ватан дур аз ман асту ман ба ёдаш,
Чароғи анҷуманро ёд кардам.

Ҳамеболам ман аз лаъли Бадахшон,
Зи Хуҷанду зи Хатлону Зарафшон,
Ҷавониям гузашт андар ғарибӣ,
Вале монӣ ҷавон, эй Тоҷикистон!

## ГИРЯ КУНАМ

Бар шабу рӯзи ғарибона даме гиря кунам,
Дур аз ёру дур аз хона даме гиря кунам.

Қалби захмини маро нест ба Маскав чора,
Ҳамраҳи ин дили девона даме гиря кунам.

Ман, ки аз кӯҳи азим омадаам шаҳри азим,
Аз пайи обу паи дона даме гиря кунам.

Гулу гулгашти Ватан нест ба пеши дида,
Дар хаёли рухи ҷонона даме гиря кунам.

Шамъи базми тарабам бе рухи ӯ хомӯш аст,
Эй Набӣ, дар бари парвона даме гиря кунам.

## МОДАРАМ

Модарам, аз дурии ман ғам махӯр,
Ёди ту орад ба қалби ман сурур.

Баъди ҳар шоме ҳамеояд саҳар,
Пеши ту меоям аз ин роҳи дур.

Кундаи давлат, дуогӯям туӣ,
Баҳри ман бошад дуои ту зарур.

Нури ҳарду дидаи равшан туӣ,
Гар надонам қадри ту, бошам чу кӯр.

Ёд меояд суруди «Алла»-ат,
Шеъри ман бо ту шавад пайваста ҷӯр.

Зебиши дунёи ман ,ҷон модарам,
Бе ту дунёям бувад монанди гӯр.

Интизорам мешавӣ шому саҳар,
То ба пирӣ бахшамат дар дида нур.

Нурбахши зиндагиям, модарам,
Боз шинӣ бо Набӣ дар тӯю сур.

## ДАРД

Сафову комронӣ рафт,
Хушии зиндагонӣ рафт.
Сарам испед шуд аз ғам,
Ки модар ногаҳонӣ рафт.

Бирафтӣ модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Ҳаётамро сафое нест.
Дигар як ҳамсадое нест,
Пас аз марги ту, фаҳмидам,
Ки дунёро бақое нест.

Бирафтӣ модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Аё шамъи дилорям,
Будӣ ту моҳи шабҳоям.
Ягона пуштибони ман,
Ту рафтӣ, бе ту танҳоям.

Бирафтӣ модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Ҷаҳон бо ту, ки зебо буд,
Ҳаёти ман фиребо буд.
Набудӣ гар ту дар хона,
Дили ман ношикебо буд.

Бирафтӣ модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Фурӯғи мазилам будӣ,
Мадори ин дилам будӣ.
Ба рухсори банури худ,
Чароғи маҳфилам будӣ.

Бирафтӣ модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам.

Агарчанде ки мекобам,
Нишон аз ту намеёбам.
Ман аз сӯзи ҷудоият
Намехобам, намехобам.

Бирафтӣ модари ҷонам,
Туро як умр пазмонам

## ГИРЯИ ШАБОНА

Дар қалби шаб ба сӯи Худо гиря мекунам,
Эй ҳамватан, ба чуну чаро гиря мекунам.

Дурем аз муҳаббати домони модарон,
Бар модарони даст ба дуо гиря мекунам.

Оворaю ғариб чу мурғи фирориям,
Бо ёди он чаман, ба Худо гиря мекунам.

Пайке барои ман хабари хуш намедиҳад,
Дар кунҷи ғусса бесадо гиря мекунам.

Тире ба ёди Меҳанам бар сина мерасад,
Дар торикии орзуҳо гиря мекунам.

Санги бало ба ҳар қадам сӯи мусофир аст,
Аз зарби беасоси бало гиря мекунам.

Пазмони тифлаконаму бо дидаи ба роҳ,
Бар тифлакони чашм ба мо гиря мекунам.

Ҳамчун Набӣ ба синаи бирёну чашми тар,
Бар ошиқони зиндаҷудо гиря мекунам.

## ПУЛ

Пул миёни одамон сарвар шуда,
Ҳомии олии кӯру кар шуда.

Ҳофизу «Шаҳномахонӣ»-ҳо гузашт,
Аҳли олам ҷумла савдогар шуда.

Аз замон аҳли хирад озурда аст,
Чун садаф волотар аз гавҳар шуда.

Давраи мансабталошиҳо расид,
Давраи пул, даври гову хар шуда.

Арзи мардумро напурсад ҳеҷ кас,
Соҳиби пул ҳар куҷо довар шуда.

Чуғд молик нест бар вайронае,
Молики танҳои баҳру бар шуда.

Ишқ меварзанд баҳри молу пул,
Дӯстдори киссаҳои зар шуда.

Касби Довуд гашт акнун хорузор,
Бепире устои оҳангар шуда.

Дар ғарибӣ ҳамчу шамъи анҷуман,
Чашми гирёни Набият тар шуда.

## БО ДУОЯТ ЗИНДААМ

Модаро, ман бо дуоят зиндаам,
Бо тую нуру зиёят зиндаам.
Дур аз ту бо садоят зиндаам.

Бо дили дардошноят зиндаам,
Модари ҷон, бо дуоят зиндаам.

Гар Ватан гӯям ,ту ой дар назар,
Ҳар куҷо аз туст корам пурсамар,
Файзу эҳсон мерасад шому саҳар

Бо ҳама хайру сахоят зиндаам,
Модари ҷон, бо дуоят зиндаам.

Нур бахшӣ зиндагиро ҳар замон,
Ҳамсафар ту бо манӣ дар ҳар макон,
Бо ту ёбам номи некӯ ҷовидон.

Бо ҳама ҳамду саноят зиндаам,
Модари ҷон, бо дуоят зиндаам.

Хар куҷо фахрам, ки фарзанди туям,
Асли ман ҳастиву пайванди туям,
Ман пазирои ҳама панди туям,

Осмонӣ, дар ҳавоят зиндаам,
Модари ҷон бо дуоят зиндаам.

## ТАРС

Намехоҳам ҳасадхорон баранд номам ба бадномӣ,
Ҳамехоҳам, ки ҳамроҳам бувад доим накӯномӣ.

Ба ҳар бад мерасад подоши бад, инро ту медонӣ,
Марав бо пайраҳи ноозмуда аз сари хомӣ.

Аз он ки бандаи кибрӣ, намедонӣ раҳи рафтан,
Биҷӯ роҳи тариқатро ба мисли Аҳмади Ҷомӣ.

Ба роҳи ҳак қадам мону ҳамеша ҳақпарастӣ кун,
Агар суде наояд ҳам, насибат нест нокомӣ.

Чӣ мефахрӣ дар ин олам ба молу давлати ночиз,
Намепурсанд андар гӯр киӣ? Бағдодӣ, ё Шомӣ?

Зи аккоси сагон ҳаргиз Набиро ғам намебошад,
Бикун шукронаи Аллоҳ, биҷӯ аз даҳр хушкомӣ.

## ҒАМАМ АЗ МАРГИ ЧАНДИН НАВҶАВОН АСТ

Ман он кӯҳу даманро ёд кардам,
Ба ёдаш хотирамро шод кардам.
Дур аз хору хасу гулзори Меҳан,
Зи дасти қисматам фарёд кардам.

Ғарибам ман, ғарибы мулки мардум,
Ғарибу бекасу бечора раҳгум.
Ҷавониям дар ин ҷо рафт аз сар,
Дур аз хоки ватан бошам чу мазлум.

Кремл дар барам, Маскав калон аст,
Дар ин ҷо умри ширин дав-давон аст.
Зи умри рафтаи худ ғам надорам ,
Ғамам аз марги чандин навҷавон аст.

## ИСФАРА

Кони маънӣ, кони ганҷу бӯстон аст, Исфара,
Сарзамини ҷумлаи дарёдилон аст, Исфара.

Ман намегӯям зи шаҳди меваҳои дилписанд,
Дар миёни шаҳрҳо фахри замон аст, Исфара.

Гаштаст ар миллпти мо дар ҷаҳон овозадор,
Бемуҳобо, ҳамчу Рустам паҳлавон аст, Исфара.

Дуздиву горатгарӣ аз баҳрашон бегонааст,
Чойгоҳи олӣ баҳри ростон аст, Исфара.

Номи миллат дар забону посдори меҳананд,
Сархати шеъру суруду достон аст, Исфара.

Ман наорам номи ҳар нобиғаашро бар забон,
Нек санҷидам, ки фахри тоҷикон аст, Исфара.

## БИМИРАМ

Дар кишвари бегона агар зор бимирам,
Бо дарду ғаму андуҳи бисёр бимирам.
Дору накунад суд ба реши дили зорам,
Дар ёди ватан хаставу бемор бимирам.

# НИГОҲ

Нигоҳи ту нигоҳи пурхумор аст,
Рухат ҳамчун гули фасли баҳор аст.
Ҳама дарду ғамам дар сина мирад,
Агар бо ман туро майли канор аст.

## ПАДАР МЕДОШТАМ

Кош ҳоло дар барам ман ҳам падар медоштам,
Тоҷи давлат боз дар болои сар медоштам.

Бар гурухе аз падардорони бе меҳру вафо,
Дар гулистони вафо бору самар медоштам.

Моли дунё ёфтам, лекин  падар пайдо нашуд,
Кош дар бар ҳодии волоназар медоштам.

Зиндагиям бе падар маънои худ гум кардааст,
Кош ӯро ҳамдами файзи саҳар медоштам.

Офтоби зиндагӣ аз меҳри ӯ сар мезанад,
Шукр мегуфтам зи ҳастияш гуҳар медоштам.

Волидайни мо зи хуршеду қамар авлотаранд,
Кош ман ҳам, эй Набӣ, шамсу қамар медоштам.

## ХОНАИ БЕБАРҚ

Дар хонаҳои бебарқ хонам яке тарона,
Дӯзам ду чашми худро андар чароғи хона.

Гардида зору бемор аз сардии зимистон,
Даврони Шӯравӣ шуд акнун маро фасона.

Дилгармие намонда бар сеҳри зиндагонӣ,
Гоҳе давам ба ҳезум, гоҳе ба обу дона.

Алфози ҳақпарастӣ орад ба сар балое,
Як дирҳаме надорам дар дохили хазона.

Хӯшкида баҳру дарё, гавҳар надорад ин об,
Фарҳодро бикӯбам бо коҳи хусравона.

Аз маргу мири мардум қалбам ба сина таркид,
Моро фиреб доданд як умр бо баҳона.

Шерон зи по фитода дар бешаи таҳаммул,
Рӯбоҳ таронахон шуд аз зӯри рустамона.

Дигар ба ҳусни Юсуф дилдода дил набандад,
Ҳарфи риё бупечид дар ҳарфи ошиқона.

Ин халқи тоҷбарсар имрӯз хорузор аст,
Бояд Набӣ равам пеш бо фахри тоҷикона.

## ҒАРИБӢ

Мулки ғурбат ҳамдамам бо марду бо номард кард,
Сурхии рӯям рабуду рангурӯям зард кард.

Дар нигоҳи аввалин тобам ҳамеша тандуруст,
Синаамро пора карду банд бар сад дард кард.

Гармии оғӯши ёрамро таманно мекунам,
Ҳасрати оғӯши ёрам бистарамро сард кард.

Офтоби зиндагонӣ рӯй мепӯшад зи ман,
Чанги ғам дар ҷодаҳо рӯи маро пургард кард.

Мебарад дар хоб моро бар ҳаво мурғи хаёл,
Ин ҳавас охир Набиро роҳии шабгард кард.

## ИФТИХОР

Тоҷики фарзона соҳибдафтар аст,
Дар фазои илм ҳамчун ахтар аст.
Ғайрро бахшид бас ҷову макон,
То абад чун халқи соҳибафсар аст.

## ПАРЧАМ

Аё, эй миллати озодаи ман,
Аё, эй ошиқу дилдодаи ман.
Шукӯҳи ту ба гардунҳо расида,
Аё, эй аскари омодаи ман.

Набинам то абад дарду ғами ту!
Муборак бод рӯзи Парчами ту!

Ба Сомонет дилҳоро рабудӣ,
Ба Раҳмонет сад роҳам кушудӣ,
Зи Истиқлоли худ шодии қалбам,
Дар ин дунёи доругир фузудӣ.

Набинам то абад дарду ғами ту!
Муборак бод рӯзи Парчами ту!

Ту яктоӣ, ту бо номусу орӣ,
Саховатманд ҳамчун чашмасорӣ.
Барои ҳифзи ҳар сангу гиёҳат,
Наӣ кам, беҳисобу бешуморӣ.

Набинам то абад дарду ғами ту!
Муборак бод рӯзи Парчами ту!

Бувад номи хуши ту Тоҷикистон,
Туи рашки ҳама боғу гулистон.
Ба авсофи ту гӯям шеъри дилкаш,
Хушии ту бувад ҳар дам фаровон.

Набинам то абад дарду ғами ту!
Муборак бод рӯзи Парчами ту!

## БИМИРАМ

Мабодо, ки ватангӯён бимирам,
Чу булбул ман чамангӯён бимирам.
На тахту тоҷ мехоҳам ба олам,
Мабодо, ки кафангӯён бимирам.

## ҲАРОМ

Агар як хишти айвон аз ҳаром аст,
Тамоми корҳоят нотамом аст.
Дар он дунё қиёматро чӣ ҷӯӣ,
Ки дӯзах ҳамчу теғе дар ниём аст.

## РӮД

Ало, эй рӯди кӯҳистон,
Чунонат гаштаам пазмон.
Бирафтам аз барат кайҳо,
Шудам овораю сарсон.

Замоне дар барат бо шавқ,
Шикори моҳӣ мекардам.
Ба ту ман ҳамсафар будам,
Ба ту ҳамроҳӣ мекардам.

Ба ман ту ҳамнафас будӣ,
Канори ту калон гаштам.
Зи пеши ту сафар кардам,
Чу баҳри бекарон гаштам.

Агар рафтам зи пешат дур,
Бубахшо, эй ҳабиби ман.
Туро ман дӯст медорам,
Ки будӣ ту табиби ман.

Сафар кардам зи пеши ту,
Барои луқмаи ноне,
Дубора омадам пешат,
Чу бегона, чу меҳмоне.

## БЕНАЗИРАМ МОДАРАМ

Дур аз он умқи чашмонат ҳақирам, модарам,
Гавҳари якдонаи ман, беназирам модарам.

Бе ҷамоли оламороят дилам хун мешавад,
Соли умрам рафтаю тифли сағирам, модарам.

Ёди ту бошад ҳамеша ҳамдилу ҳамроҳи ман,
Ҳар куҷо бошам, ту бошӣ дастгирам, модарам.

Теғи гардун мерасад бар ҷисми абгори ғариб,
Дар кафи дастони нафси худ асирам, модарам.

Мекунам ёди Ватан, борам зи дида сели ашк,
Зиндагонӣ кардааст бемору пирам, модарам.

Панди ту бошад қарини ҷони пазмони Набӣ,
Панди ту то зинда бошам, мепазирам, модарам.

## МЕҲРИ ВАТАН

Тоҷикам, аз Тоҷикистонам,
Меҳри ӯ волотар аз ҷонам.
Сарнавиштам сангу хокаш,
То ба хокаш сар бимонам.

Аз Ҳисораш сарбаландам,
Бо Қаротоғаш бихандам.
Ҳамчу Рашташ сабзу хуррам,
Бо Бадахшонаш баландам.

Язғуломиям, зи Ванҷам,
Сокини Хуҷанду Панҷам.
Соҳиби имони хешам,
Мерасад аз ғайб ганҷам.

Ҳамсафар ман бо Камолам,
Ҳамчу Хатлон безаволам.
Бо Душанбеяш ҷавонам,
Соҳиби ҷоҳу ҷалолам.

Тоҷикам, аз Зарфишонам,
Бо Ватан ман бехазонам.
Мисли сатри Рӯдакияш,
Комгору ҷовидонам.

# СОЗАМ

Чу булбул ин замон рӯ ҷониби боғу чаман созам,
Даруни сабзаву гул аз барои дил Ватан созам

Ватангӯён ҳамегирям, зи дуриҳош дилгирам,
Ба ёди рӯи ширинаш ба қалбам анҷуман созам.

Ба ёди модари пирам, басо шабҳо намехобам,
Либоси зиндагии пурғами худро ба тан созам.

Дар ин мулки ғарибӣ ҳар нафас дар хеш мепечам,
Ҷавонам, лек ҳар гаҳ ёд аз гӯру кафан созам.

Баҳори тоза меояд, баҳори умр нопайдост,
Даҳони хешро ҳар лаҳза пурзаҳру зақан созам.

Намози шому шодӣ нест дар қалби Набӣ ҳаргиз,
Набитвонам дигар бо лашкари ғам мову ман созам.

## БАҲОР

Аҷоиб фасл фасли навбаҳор аст,
Табиат аз гули лола нигор аст.
Намеарзад бадӣ кардан ба одам,
Ба олам нек кардан ёдгор аст.

## МЕҲМОН

Башар дар зиндагонӣ меҳмон аст,
Пас аз чанде аз ин олам равон аст.
Ғурури одамӣ поён пазирад,
Агарчанде ки зӯру паҳлавон аст.

## АНДЕША

Ба роҳе меравӣ, андешае кун,
Дар олам фикри кору пешае кун.
Ба ҳар боғе, ки по монӣ дар ин ҷо,
Ту фикри шоху баргу решае кун.

## САФАР

Сари роҳи муҳаббат интизорӣ,
Ба фасли дай ба уммеди баҳорӣ.
Пас аз пазмонии ёрон, Набиҷон,
Кунун сӯи азизон раҳсипорӣ.

## НУРИ РОҒУН

Хонаҳо равшан дигар аз барқи Роғун мешавад,
Рӯи ёрам дар назар зебою гулгун мешавад.

Бо мурури вақт сабрам ком ширин мекунад,
Зиндагии мардумон акнун дигаргун мешавад.

Баста мегардад забони ҳосидону душманон,
Аз хиҷолат душмани мо зору дилхун мешавад.

Хору гул якҷо намерӯяд ба тарфи боғу дашт,
Пурдарахту пур зи гул ҳар дашту ҳомун мешавад,

Ҳар куҷое ин Ватан гардад биҳишти ҷовидон,
Ҳар куҷое бингарад ин чашм мафтун мешавад.

## ЗИ ЗЕРОБОД ТО ДАРВОЗ

***Барои Эркин Одинаев***

Ба ҳар маҳфил, ки муштоқанд ба ин созу ба ин овоз,
Чу ҳар рӯзаш шавад бо савту бо як шеъри нав оғоз.
Агар оби Зарафшон қуввату дармони ҷонаш шуд,
Зи лаҳни тозааш мастанд зи Зеробод то Дарвоз.

## БАСТА ГАРДАД

Забон дар коми бадгӯ баста гардад,
Ҳасудам аз ғами дил хаста гардад.
Манам хушбахт, ки аз файзи Роғун,
Хасу хори Ватан гулдаста гардад.

## ДЕҲА

Мекашад дилро хаёли ошу нони деҳаам,
Дар ғарибӣ чашм бар анвои хони деҳаам.
Гарчи дар шаҳри азим бошам чу як таҳҷоие,
Орзуманди нами рӯди равони деҳаам.

## ЗИСТАН

Эй бародар, аз маҳалбозӣ дилам бигрифтааст,
Кай тавонам дур з-ин хорию зиллат зистан?

Берун аз меҳан ҳамефахрам зи халқи тоҷикам,
Боядам дар рӯи олам ҳамчу миллат зистан.

Каллаҳои холиро бо мағзи дониш пур кунам,
Бас бувад дар зиндагӣ бо чанд иллат зистан.

Хеш ғарқи айбаму айби касон ҷӯё шавам,
Бояд омӯзам зи олам ман ба ҳиммат зистан.

Парчами мо мекашад саррро ба гардун ҳар куҷо,
Зери ин Парчам тавонам ман ба савлат зистан.

Метавонам, метавонам, метавонам, эй Набӣ,
Ҳамчу одам зистан, бе айбу ҳиллат зистан.

## МЕДОНЕД

Ғамам болотар аз сад кӯҳи Алванд аст, медонед!
Ки ҳар лаҳза бароям махзани панд аст, медонед!

Бахиливу ҳасудӣ байни мардум будаву бошад,
Баҳои одамӣ дар зиндагӣ чанд аст, медонед?!

Ба дунё аҳли мансаб ошиқи курсии худ монад,
Хамин курсӣ ба пои нокасон банд аст, медонед!

Зи афзунии нарху қадри инсон ман намегӯям,
Нишони одамӣ гӯянд фарзанд аст, медонед!

Зи бекорӣ ҳама дар гӯшае дар ғайбати халқ аст,
Зи лабҳо дур нақши хуби лабханд аст, медонед!

Набӣ, аз макри олам он қадар дар хеш мепечам,
Ҷаҳон аз бахри ман як ҳалқаи фанд аст, медонед!

## БИГАРДАД

Кучо ёре маро ҳамдам бигардад?
Мададгорам ба вақти ғам бигардад.
Дами шодии ман ёрон зиёданд,
Наёбам кас ба ғам марҳам бигардад.

## ШУДААСТ

Тухми бегона чаро дар палаки мо шудааст,
Фикри бегонагӣ андар сараки мо шудааст.
Ҳарфу алфози қабеҳ ҳар қадаме ҳамраҳи мост,
Ин ҳама бори гунаҳ дар хараки мо шудааст.

## ОҚИ ПАДАР

Бадхоҳи Ватан мисоли оқи падар аст,
Бар миллату бар диёри худ дарди сар аст.
Оне, ки ба нафъи Ватанаш мекӯшад,
Гар мӯр бувад барои ман шери нар аст.

## ГУМ КАРДААМ МАН

На файзе аз саҳар гум кардаам ман,
На ганҷу симу зар гум кардаам ман.
Ҳамегирям ба сад ҳасрат шабу рӯз,
Надорам кас, падар гум кардаам ман.

## ХОНААМ ҲАСТ

Ба наздики Кремл хонаам ҳаст,
Ба махзан тангаю дурдонаам ҳаст.
Ба ҳар ҷо по ниҳам як кулба созам,
Ғаму дарди падар дар шонаам ҳаст.

## МОЛДОРӢ.

Дар ин олам бидидам моли бисёр,
Ба ҳар як орзу будам сазовор.
Аз он рӯзе падарро додам аз даст,
Шудам танҳо ба дидори падар зор.

## ПАДАРРО ХОР КАРДАНД

Падардорон падарро хор карданд,
Варо аз бехудӣ озор карданд.
Надида ҳоли зори бепадарро,
Дили мому падар абгор карданд.

## МОДАРИ ҶОНАМ БИРАФТ

***Таслияте ба Донишманд Кутбиддинов***

Аз бари ман ногаҳонӣ модари ҷонам бирафт,
Тор шуд дунё ба чашмам, нури чашмонам бирафт.

Орзу дар синаам дигар надорад қимате,
Аз хазони ногаҳон гул аз гулистонам бирафт.

Хонаам торик гашту ғам маро шуд ҳамсафар,
Нуру зеби хонадону нури айвонам бирафт.

Тира шуд рӯзам, намеояд дигар субҳи умед,
Водареғо, аз барам хуршеди тобонам бирафт.

Гиря дорам ҳамчу кӯдак дар ғами ӯ зор-зор,
Ганҷи оламро чӣ созам, ганҷи пинҳонам бирафт.

## МОДАР АСТ

Зебиши дунёи фарзанд модар аст,
Бар лабам ҳамчун шакарханд модар аст.
Ман ба таърифаш намегӯям сухан,
Ширин аз ҳалвою ҳам қанд модар аст.

## ПУЛ АСТ

Обрӯю эътиборат ҳам пул аст,
Модари шабзиндадорат ҳам пул аст.
Кӯдаконат гаштаанд таънашунав,
Гардиши фасли баҳорат ҳам пул аст.

## ҲУСНИ ДОНИШ

Одаму одамгарият гашт пул,
Қадру шаъни сарварият гашт пул.
Ҳусни дониш дар кучо ояд ба кор?
Ҳар адои дилбарият гашт пул.

## ЁД КАРДАМ

Ман он кӯҳу даманро ёд кардам,
Ба зикраш хотирамро шод кардам.
Ба мулки сард дар ҳоли ғарибӣ,
Зи дасти қисматам фарёд кардам.

## ҒАРИБИ МУЛКИ МАРДУМ

Ғарибам ман, ғариби мулки мардум,
Ба сад сахтӣ раҳамро кардаам гум.
Ҷавониям дар ин ҷо рафт аз каф
Дур аз хоки ватан бошам чу мазлум.

## КРЕМЛ

Кремл дар барам, Маскав калон аст,
Шабу рӯзам дар ин ҷо дав -давон аст.
Зи умри рафтаи худ ғам надорам,
Ғамам аз марги чандин навҷавон аст.

## ҒАРИБАМ

Ғарибам ман, ғарибам ман, ғарибам,
Шудам бемори зору бе табибам.
Дареғо, модари ҷонам зи ман дур,
Надорам ҳамдаме, ман бе ҳабибам.

## ЁДИ МОДАР

Шабу рӯзам бувад дар ёди модар,
Дилам гум мезанад, ку чеҳри хоҳар?
Ғарибу нотавону бемаконам,
Намепурсад зи ҳолам ҳеч додар.

## САФАРИ ПАДАР

Падар рафт аз сарам, эй дӯст, кайҳо,
Ба ман мерос монда шӯри дунё.
Ягона такядорам модарам буд,
Зи баъди ӯ шудам танҳои танҳо.

## ПАРЕШОНӢ

Шудам ошуфтаву зору парешон,
Пайи рузӣ шудам пайваста сарсон.
Ғарибу нотавону беқарорам,
Набошад шамъи шабҳоям дурахшон.

## ДУРӢ АЗ МОДАР

Бе ту ҳамчун хоки роҳам, модарам,
Ҳамнишини дарду оҳам, модарам.

Бе ту дунёи дилам танг аст, танг,
Юсуфам, дар қаъри чоҳам, модарам.

Дар барат будан басо мефорадам,
Бе ту бемору табоҳам модарам.

Бо ту бошам чор фаслам чун баҳор,
Бе ту фасли тирамоҳам, модарам.

Дар ғарибӣ хотирам ошуфтааст,
Ман туро ҳар лаҳза хоҳам модарам.

То туро бинад дигарбора, Набӣ,
Мешуморам рӯз моҳам модарам.

## ҚАДРИ НАМАКДОН

Намак хурдӣ, макун туф дар намакдон,
Бубин меҳмон азизи хонадон аст.

Забон аз ғайбати миллат нигаҳ дор,
Ки ин миллат бузургу ҷовидон аст.

Басо аҳли сиёсат мурда рафтанд,
Вале миллат чу боғи бехазон аст.

Дар ин мулки баҳоросои зебо,
Ҳамеша шодмон пиру ҷавон аст.

Зи ҳарфи тунд кун парҳез, эй дил,
Ҳама ашхоси мо ширинзабон аст.

Аз ин халқу аз ин миллат бифахрам,
Ки зеби сад ҳазорон достон аст.

## КУҶОСТ?

Заргару заркор бошӣ, бе падар маъно куҷост?
Чун падар равшандиле андар ҳама дунё куҷост?

Мушкилат афтад агар ҳар лаҳзае дар зиндагӣ,
То шавад дармони қалбат Буалӣ Сино куҷост?

Ӯ ба меҳри дил кунад сероб ҳар як ташнаро,
Мисли меҳри ӯ дигар дар зиндагӣ дарё куҷост?

Дар шикори зиндагонӣ рафт тират гар хато,
Раҳнамоят чун падар дар олами руъё куҷост?

Зиндагонӣ бигзарад аз пеши чашмат чун навор,
Офтоби зиндагонӣ, дидаи бино куҷост?

Умри одам меравад монанди абри даргузар,
Эй Набӣ, дар зиндагонӣ бе падар маъно куҷост?

## НАДОНЕМ

Ба таърифи касон беустухонем,
Асиру бандаи як пора нонем.
Сари худ афканем дар пои аъдо,
Баҳои дӯстони худ надонем.

## ХАСУ ХОШОК

Макрону замонаш хасу хошок шавад,
Зулму ситамаш аз ин ҷаҳон пок шавад.
Хоҳам, ки дар ин дуроҳаи меҳру ситам,
Аз бори алам синаи ӯ чок шавад.

## ХОБ

Ба байни мардуми олам, дило, сарҳад намемонад,
Каломи сулҳ мегӯянду ғам беҳад намемонад.

Муҳоҷир меравад дар хоби хуш, дар олами рӯъё,
Нишон аз зулму золимии деву дад намемонад.

Ҳама хурду калони мо зи ваҳдат ҳарф мегӯяд,
Муҳаббат ҳукм меронад, ҳуруфи рад намемонад.

Фақат аз хайр мегӯянду механданд ба рӯи ҳам,
Миёни ду дили ошиқ каме ҳам ҳад намемонад.

Набӣ, ин миллати овора рӯзе мешавад сарҷамъ,
Ба байни мардуми олам, дило, сарҳад намемонад.

## ПАДАР, МОДАР СУТУНИ ХОНАДОНАМ

Бувад ин вожа доим дар забонам,
Ки бе ин вожа ҷое по намонам,
Даме бошанд дар сар, бехазонам,
Падар-модар, сутуни хонадонам.

Бувад рухсорашон чун субҳи уммед,
Ба ин ҳарду бихоҳам роҳи испед,
Ду нури равшананд чун моҳу хуршед,
Падар-модар, сутуни хонадонам.

Ба гӯшам форам аст гуфтори эшон,
Шавам ман бе падар зору парешон,
Дилам гум мезанад бар модари ҷон,
Падар-модар, сутуни хонадонам.

Ҳама рӯзам бувад дар байни гулзор,
Матои ҳастиям дорад харидор,
Дуои ҳардушон бошад ба ман ёр,
Падар-модар, сутуни хонадонам.

## ДАР НАВБАТЕМ

Аз чӣ дар дунёи дун мо пойбанди даҳшатем?
То ба кай дар рафтан аз ин марҳала дар навбатем?

Моли Қорун гар насиби мост, моем норизо,
Беибо нолем мо бедавлату бесавлатем.

Лаҳзаи тангӣ ҳамеорем рӯ сӯи Худо,
Зар агар дар киса бошад дар қафои ҳиллатем.

Чашми мо серӣ надорад аз зару моли ҷаҳон,
Носипосу ҷоҳилу бечораю беҳимматем.

Ҷипсаворӣ мекунему айшу нӯш дар ресторан,
Айбҷӯӣ мекунем, арчанд бо сад иллатем.

Эй Набӣ, созем бою камбағал аз ҳам ҷудо,
Боз мегӯем, ки фарзанди хуби миллатем.

## НАВКИСАҲО

Навкисаҳо, навкисаҳо андар сари паймонаанд,
Худро ба нодонӣ зананд, ороиши майхонаанд.

Халқи парешонро бубин, зори лаби нонро бубин,
Мансабпарастони даґо ҳамқисмати девонаанд.

Н-ороста хоне бар касе, нодода ноне бар касе,
Дар гирди шамъи хираи қисмат ҳама парвонаанд.

Бе санъати волои хуш дар ҳар гузар сад ҳофизе,
Бо лафзи бемаънии худ мақбули сад ҷононаанд.

Гоҳе агар як ҷо шаванд, андар паи даъво шаванд,
Гӯё, ки онҳо кӯдаки берун зи мактабхонаанд.

Фардои миллат дар Ватан фардои насли наврас аст,
Дар киштзори бахти мо онҳо мисоли донаанд.
.
Меҳру муҳаббат ҳам намонд имрӯз дар олам Набӣ,
Ин нокасон, ин нокасон боре ба рӯи шонаанд.

## ДОДО, ДОДО

Додо, додо, умре гарибӣ додо,
Танҳояму ту ба кӣ ҳабибӣ, додо?
Эй кош, калон шавам, равам бар пешат,
Бар дарди дилам чун ту табибӣ, додо.

Додо, додо, омадӣ ҳамчун меҳмон,
Ту меравию шавам туро ман пазмон.
Додо, додо супоришат иҷро шуд,
Баргашта биё, ки гаштаам аълохон.

Додо, додо нури ду чашмони манӣ,
Оромиши қалби зору гирёни манӣ.
Камбудии мост дурии дидорат,
Осудагии табъи парешони манӣ.

## ТОҶИКУ ӮЗБЕК

Эй бародар, чеҳраи ӯзбеку тоҷикро нигар,
Гуиё ҳастанд аз як модару аз як падар.

Урфу одатҳо яканду дӯсти ҳамдигаранд,
Кас намегӯяд, ки ӯзбек дигару тоҷик дигар.

Тошканд бошад ба Хуҷанди биҳиштосо қариб,
Аз Бухоро мерасад сӯи Душанбе сад хабар.

Фарқ байни тоҷику ӯзбек набошад заррае,
Ин ду миллат аз бароям то қиёмат муътабар.

Рӯҳи Ҷомӣ аз Навоӣ шод бошад то абад,
Нахли боғи дӯстӣ орад барои мо самар.

Шавкати олинажоду Пешвои Миллатам,
Гаштаанд дар пешрафти дӯстӣ соҳибзафар.

Дар самои мо дурахшад офтоби дӯстӣ,
Начми тобони муҳаббат бод доим ҷилвагар.

## БАРОИ КӮҲЗОДИ ФАТҲУЛЛО

Сафои ҳастии ман Кӯҳзод аст,
Ба ҳар ҷо по ниҳам доим ба ёд аст.
Рафиқи бебаҳо дар зиндагонист,
Дилам аз шеъри ӯ пайваста шод аст.

## ТОҶИКИСТОНӢ МАНАМ

Бо Бадахшонт бадахшонӣ манам,
Бозарафшонӣ зарафшонӣ манам.
Бо Ҳисору Рашту Хатлон зиндаам,
Алхулоса, тоҷикистонӣ манам

## ХОКИ РОҲ

Каси бепул мисоли хоки роҳ аст,
Занандаш санг, лекин бепаноҳ аст.
Каси пулдор соҳибобрӯй аст,
Ба чашми мардуми олам чу шоҳ аст.

## МУҲОҶИР

Ватан обод месозад муҳоҷир,
Ғамам барбод месозад муҳоҷир.
Дар ин даврони буҳронии айём,
Ҳамаро шод месозад муҳоҷир,

## БОҒБОН

Муҳоҷир, бемуҳобо, қаҳрамон аст,
Басо арзандаи сад достон аст.
Кунад сад шӯразореро гулистон,
Муҳоҷир дар ҳама ҷо боғбон аст.

## ҶИҲОД

Бирафтан сӯи Сурия ҷиҳод аст?
Туро бадкориҳо андар ниҳод аст.
Ҳама гӯянд ин беақли гумраҳ,
Ҳақиру нокасу беэътиқод аст.

## МУҲОҶИР

Гирифтам оқибат номи муҳоҷир,
Надидам рӯзи ороми муҳоҷир.
Шабу рӯзаш бувад дар ёди Меҳан,
Бирезанд захр дар ҷоми муҳоҷир.

## МЕНАВИСАНД

Ба номи Ҳотами Тай менависанд,
Аламҳои паёпай менависанд.
Ба ҳиммат мешавад марди муҳҷир,
Вале дар васфи ӯ кай менависанд?

## РОЗИ ҒАРИБ

Ғамҳои ғарибӣ беқарорам карда,
Дар ҳоли ғарибӣ бемадорам карда.
Фарзанди азизам раҳи ман мепояд,
Дурии Ватан хаставу зорам карда.

## ЁДИ ВАТАН

Ҳар лаҳзае зи ишқи Ватан шеър сар кунам,
Бо ханда бори ғуссаро аз дил бадар кунам.

Модар, ки ҳар нафас маро созад дуои нек,
Кай ман ҷавоби модари хунинҷигар кунам?

Бар хоҳари ягонаам гум мезанад дилам,
Гоҳе ба ёди хоҳарам ду дида тар кунам.

Додар ба ёд мерасад, гум мезанад дилам,
Гоҳе ба гиря шомро вақти саҳар кунам.

Фасли ҷавонӣ меравад, афсӯс мехӯрам,
Бар сӯи мулки кӯдакӣ гоҳе сафар кунам.

Фотиҳахонӣ мекунам дар ёди ёри дӯст,
Эй кош, ман зиёрати гӯри падар кунам.

## ДОШТАМ

Як замоне ман кулоҳи тоза дар сар доштам,
Рӯзгори олие ҳамчун Сикандар доштам.
Дар нигоҳам зиндагонӣ буд хеле дилфиреб,
Чунки ман бар зиндагонӣ сахт бовар доштам.

## МАЗОРЕ ҲАСТӢ

Эй он ки ту дар зиндагӣ хоре ҳастӣ,
Ороиши гӯшаи мазоре ҳастӣ!
Эй кош, пас аз марг даме зинда шавӣ,
Бинӣ, ки чароғи рӯзгоре ҳастӣ.

## МЕГӮЯНД

Онон, ки паси парда сухан мегӯянд,
Мардона наву ба тарзи зан мегӯянд.
Ман дар аҷабам, ки инчунин луъбатакон,
Нон хӯрдаву дар ҳаққи Ватан мегӯянд.

## БАРОИ НИЛУФАРИ АЗИЗ

Кош, эй миллат, дусад Нилуфаре медоштӣ,
Чун уқобони фазо болу паре медоштӣ.
Синаи ӯ пур зи ганҷу махзани дониш бувад,
Кош садҳо инчунин кони заре медоштӣ.

## **РӮДАКӢ**

Зодгоҳам ҷост андар остони Рӯдакӣ,
Бо ҳавас хонам ҳамеша достони Рӯдакӣ

Оби ҷонбахши Уреҷи пурбаҳо нӯшидаам,
Ҳарфи қалби ман бувад ҳарфи забони Рӯдакӣ.

Чун уқобон мекунам парвоз дар тоқи баланд,
То расонам хешро бар осмони Рӯдакӣ.

Бо муҳаббат ҳар саҳар бо байтҳои дилкашаш,
Лола мечинам зи боғи бехазони Рӯдакӣ.

Эй Набӣ, дар рӯи олам менамоям ифтихор,
Аз суруди дилкашу табъи равони Рӯдакӣ.

## НОЛА

Хар кӣ нолад аз Ватан, ӯ аз Худо нолидааст,
Ҳар кӣ аз торикӣ тарсад, аз сабо нолидааст.
Зиндагӣ маъно надорад, нола кардан хуб нест,
Шод монад, он кӣ аз реву риё нолидааст.

## ПАРЕШОН БУДААСТ

Шоҳи мулки ғайр будан дарди сӯзон будааст,
Юсуф андар тахт ҳам фарзанди Канъон будааст.

Амрикоиву урупоӣ шудан корест саҳл,
Ҳар муҳоҷир бо аҷал дастугиребон будааст.

Ваҳдати моро намебинанд ҳаргиз душманон
Зор мурдан пешаи қавми парешон будааст.

Ҷангу қатлу ғорати аҳли замона хуб нест,
Баҳри инсон куштани ҳам кори осон будааст.

Аз бадӣ кардан чӣ меояд ба кас дар рӯи каф,
Аз каломи нек дар ҳар сина дармон будааст.

Баъди ман гӯянд ёронам ба ҳар маҳфил, Набӣ:
Ин, ки ӯ маҳви хушии Тоҷикистон будааст.

## ИШҚИ ВАТАН

Маро дар сина, эй ёрон, фақат ишқи Ватан бошад,
Ҳамеша номи поки кишварам андар даҳан бошад.

Зи қаъри санги Меҳан мерасад аз баҳри ман рӯзӣ,
Ба авсофи Ватан андар забони ман сухан бошад.

Ватан ҳар лаҳзае оғӯш бикшодаст баҳри ман,
Хасу хори Ватан афзал зи сарву ёсуман бошад.

Зи ободеш меболад, Набӣ, андар ғарибиҳо,
Касе дур аз бараш мирад ғарибии бекафан бошад.

## ҒУРУР

Наӣ ҳоким, наӣ султон,
Наӣ содиқ, наӣ инсон,
Яке рӯзе аз ин олам,
Барандат сӯи гӯристон.

Маноз аз давлати дунё,
Маноз аз қавми беҳамто,
Бувад болотар аз давлат,
Туӣ гар мӯниси дилҳо.

Даме дар хона наншинӣ,
На аҳли дарду тамкинӣ,
Ба ҳар дода қаноат кун,
На гунҷишкӣ, на шоҳинӣ.

Биомӯзу ту меҳнат кун,
Зи кишти хеш роҳат кун,
Дар ин дунёи доругир,
Ба нодорон рафоқат кун...

## МЕҲМОН

Дар ин дунё туӣ меҳмон,
Марав аз худ ту, эй инсон!
Аз ин олам ба қаъри гӯр,
Кафан бо худ барӣ, медон.

# БАРОИ ҚОДИРИ РУСТАМ

Эй калиди маънӣ, эй ганҷи сухан,
Ҷо гирифтӣ дар дили ҳар марду зан.
Рӯдакӣ бошад ризо аз кори ту,
Килки ту корад басо гул дар чаман.

## РАЪДУ БАРҚ

Медурахшӣ тезу тунд монанди барқ,
Мекунӣ равшан тамоми Ғарбу Шарқ.
Олимию оқилу донишварӣ,
Ҳаст бадхоҳи ту дар андеша ғарқ.

## ҶОНУ ТАН ДОРАМ

Ҳазорон шукр мегуям, ки ман ҳам ҷону тан дорам,
Агар фарсуда бошад ҳам ба ин тан пираҳан дорам.
Зи санги кӯҳсоронам ҳамефахрам тамоми умр,
Басо шодам, ки байни кӯҳсорон ман Ватан дорам.

## ХУРӮШ

Дар хонаи танҳоӣ ҳама шеру палангем,
Дар ҳифзи худу ҳастии худ ҳавсалатангем.
Бадгӯю бадахлоқу тиҳимағзу дағоем,
Ҳангоми хушомад ҳама як рӯбаҳи лангем.

## ХОБ

Ғарибонро ту андар хоби шаб бин,
Дур аз шодию аз айшу тараб бин.
Ба ёди луқмаи нон дар ғарибӣ,
Ба чашмаш ашку ҷонашро ба лаб бин.

## ДУНЁИ ҒАРИБӢ

Аҷаб савдост савдои ғарибӣ,
Зи хурсандӣ ҳамеша бенасибӣ.
Раҳи осон намепӯӣ дар ин дор,
Ки ҳар лаҳза ба Азроил қарибӣ.

## ДАР ЁДИ МЕҲАН

Ғарибонро ҳазорон душманонанд,
Ки ҳар лаҳза ба мурдан мерасонанд.
Накарда ҷурм онҳоро ба иғво,
Ба зиндони ғарибӣ мешинонанд.

## ЗАҲРИ ҒАРИБӢ

Насиби мо, ки гардид бенасибӣ,
Биафтодем дар мулки ғарибӣ.
Ба ҳар вирус агар ваксинае хаст,
Ба маргат мерасад ин ҷо қарибӣ.

## ДАРДИ САР

Ба якдигар чу як бори хатар мо,
Ба боғи ишқ нахли бесамар мо.

Зи худ лофему аз миллат налофем,
Зи таъри ниёгон бехабар мо.

Ҳама андар талоши молу ҷоҳем,
Расонем бахри ҳамдигар зарар мо.

Ҳама дар фикри мансаб пойбандем,
Дар ин андеша доим дарди сар мо.

## НАШКУФТА РАФТ

***Нолаи Акобир дар ёди писараш Руслан***

Аз гулистони муҳаббат лолаи навруста рафт,
Дар камолоти ҷавонӣ қоматам бишкаста рафт.

Бо писар буд хори дастам хамчу як гулдастае,
Аз хазони бемаҳал, афсӯс, ин гулдаста рафт.

Чанд рӯзе доштам шодӣ зи дидори писар,
Ӯ дари айшу тарабро бар рухи ман баста рафт.

Ҷомаи домодии ӯ шуд бадал бо як кафан,
Мурғи бахтам аз кафи уммеди ман вораста рафт.

Ҳар сафар аз ман иҷозат мегирифт, аммо чаро
Бе иҷозат ӯ ба аспи чӯбие биншаста рафт?

Руслани ман, ахтари тобандаи ҳастии ман,
Бо дили обу рухи зарду ба табъи хаста рафт.

## ДАР БАНДИ ОЗОРАМ

Дар ин кунҷи ғарибӣ ҳар нафас монанди беморам,
Гаҳе бо як лаби нонам, гаҳе афгору нодорам.

Гаҳе хандам ба ҳоли худ, гаҳе ҷавру ҷафо бинам,
Ба чашми ҳар ватандоре мисоли панҷаи хорам.

Гаҳе чун шамъи маҳфил меравам бар суҳбати хубон,
Гаҳе дар ҳар қадам меафтаму дар банди озорам.

Гаҳе чун Юсуфи Мисрам, ки меафтам ба қаъри чоҳ,
Гаҳе аз зиндагии хештан сад роҳ безорам.

Гаҳе ёди падар манро барад аз хештан берун,
Гаҳе дар ёди модар рӯи раҳ бо дидаи чорам.

Гаҳе байте ҳамегӯям зи сӯзи синаи мискин,
Чакад ашки ғаму ҳасрат ба рӯи барги осорам.

Ба ҷуз алтофи Раббонӣ мададгоре намеҷӯям,
Дар ин дунёи дун бошад фақат лутфаш мададгорам.

## МОДАРИ ҶОН

Модари чашминтизорам,
Бо ту чун фасли баҳорам
Ёди ту ҳар лаҳза бо ман,
Гарчи ман дур аз диёрам.

Дар канори зиндагонӣ,
Бо ту дорам шодмонӣ.
Куввату зӯри ман астӣ,
Бо ту болам аз ҷавонӣ.

Бо ту  рӯзам офтобист,
Бо ту шомам моҳтобист!
Модари ҷон, аз фироқат,
Дидагонам чашми обист.

Бе ту ҳастам ман мусофир,
Чунки ҳастам ман муҳоҷир,
Бе рухи ҷонбахши хубат,
Хастаам, ҳам зору дилгир.

Ҳар нафас гӯям саноят,
Зиндаам ман бо дуоят.
Кош бошӣ дар бари ман,
Серӣ бинам то лиқоят.

## ЗИНДА БОШӢ

Нури чашмам, зинда бошӣ,
Бар сарам поянда бошӣ.
Мисли хуршеди муҳаббат,
Шодиафзоянда бошӣ.

## РАСВОИ ҶАҲОН

Ҳар он кас «ман» бигӯяд, зуд расвои ҷаҳон гардад,
Ба ноҷинсӣ шавад машҳуру аз дида ниҳон гардад.
Мафахр аз зӯри бозуят, қарини халқу Меҳан бош, Ки
номи одамӣ дар рӯи олам ҷовидон гардад.

## МАСТОН

Ин мастии ман на аз маю мастон аст,
Дар синаи ман ҳазору як дастон аст.
Дар мулки мусофирӣ дилам ҳаст хиҷил,
Дурии Ватан чу дарди бедармон аст.

## ҲАҚИҚАТ

Бароям зодагони Тоҷикистон,
Ҳама чун додару хоҳар қаринанд,
Дилам хоҳад, ки суғдию бадахшӣ,
Сари хонам ба паҳлуям нишинанд.

Чӣ хуш бошад ба мисли як бародар,
Дарамро марди хатлонӣ кушояд.
Чу як шери жаён дар роҳи қисмат,
Ҳисорӣ ҳамраҳӣ бо ман намояд.

Ғанимат бишмарам умри дурӯза,
Натобам рӯи худ аз рӯи ваҳдат.
Ба гӯри хеш ҳам осуда бошам,
Расад гар бар димоғам бӯи ваҳдат.

## НАМЕЁБАМ

Дар ин шоми ғарибиҳо раҳи манзил намеёбам,
Дили мо ғаркаи хун асту як ҳамдил намеёбам.

Дар ин шаҳре, ки сар то по макони зиндагонӣ нест,
Ғариқи рӯди ғам гардидаму соҳил намеёбам.

Ниҳоли орзуҳоро хазонгардида мебинам,
Зи кишти кардаи худ донае ҳосил намеёбам.

Гиреҳи зиндагониро кушодан амри мушкил шуд,
Миёни майпарастон ҳамдами оқил намеёбам.

Табибе ҳамчу Сино нест, то дору бифармояд,
Худовандо, дар ин раҳ ҳалли ин мушкил намеёбам.

Ба сарсонӣ, ба ҳайронӣ ба поён мерасад умрам
Касеро, эй Набӣ, дар ҳалқаи маҳфил намеёбам.

## НОНИ ВАТАН

Бе сурхии нони Ватанам рӯзардам,
Бе обу ҳавои Ватанам пурдардам.
Ин мулки касон маро намеояд хуш,
Ман ташнаи чашмаҳои оби сардам.

## ТУ ҲАСТӢ

Зи сӯзи синаам огаҳ ту ҳастӣ,
Ҳамеша дар раҳам ҳамраҳ ту ҳастӣ.
Надорӣ як нафас аз ман ҷудоӣ,
Ғамо, бо ман гаҳу бегаҳ ту ҳастӣ.

## ҶАВОН РАФТ

***Дар сӯги Каромат Шарипов***

Азизе аз ҷаҳон охир ҷавон рафт,
Зи олам сӯи мулки ҷовидон рафт.

Ба ёдаш қалби мо акнун кабоб аст,
Абармарде аз ин кавну макон рафт.

Нагӯям тирамаҳ буду хазон шуд,
Гули хушрангубӯ аз бӯстон рафт.

Калону хурд дар ҳиҷрат сағир аст,
Таҳамтан аз миёни дӯстон рафт.

Ғарибонро асои даст буди,
Кунун сӯи биҳишти гулфишон рафт.

Ба торих бо хати заррин нависанд,
Ки иксири муҳаббат аз ҷаҳон рафт.

Ба қалби ҳар муҳоҷир зинда бошад,
Агарчанде Каромат аз миён рафт.

## ДУШАНБЕШАҲРИ МО ОВОЗАДОР АСТ

***Ҷавоб ба ҳосидони Рустами Эмомалӣ***

Ба ҳар овоза ҳамдам мешавӣ ту,
Надорӣ молу Ҳотам мешавӣ ту.
Ба ҷуз ғайбат дигар коре надорӣ,
Кунун бадгӯи Рустам мешавӣ ту.

Душанбешаҳри мо овозадор аст,
Хушо, Рустам ҷавони шаҳриёр аст.
Адӯ аз рашку бухлу кинаи хеш,
Зи ғам бемору зору бемадор аст.

Вуҷудаш кош аз фӯлод бошад,
Зи юмнаш чор сӯ обод бошад.
Дилам хоҳад ҳазорон соли дигар,
Дар ин олам ҳамеша шод бошад.

## ЭЙ САД ВОИ ҒАРИБӢ

Дур аз падару модар,
Дилҳо ба ғами доллар,
Меҳру оқубат намонд,
Байни ёру бародар.

Эй сад вои ғарибӣ,
Эй сад вои ғарибӣ.

Рӯи роҳи ғарибӣ,
Беморӣ, бе табибӣ.
Дар киса пул набошад,
Гадои беҳабибӣ.

Эй сад вои ғарибӣ,
Эй сад вои ғарибӣ.

Як сӯ бинӣ гушнамаст,
Як сӯ пулдорони паст.
Як сӯ одамфурӯшӣ,
Як сӯ ҳангомапараст.

Эй сад вои ғарибӣ,
Эй сад вои ғарибӣ.

Ниме гашта хору зор,
Ними дигар мардикор.
Қисме ҷӯяд бахташро,
Дар растаҳои бозор.

Эй сад вои ғарибӣ,
Эй сад вои ғарибӣ.

Ҳама ҷӯёи тадбир,
Тан дода амри тақдир,
Ҷавонҳо мешаванд пир,
Вои ҷони муҳоҷир.

Эй сад вои ғарибӣ,
Эй сад вои ғарибӣ.

Хулқи кӯдак надонем,
Китоби хуш нахонем.
Чун саг қадре надорем,
Оҷизу нотавонем.

Эй сад вои ғарибӣ,
Эй сад вои ғарибӣ.

Меҳру муҳаббат намонд,
Орзуи давлат намонд.
Дар чашми чору пазмон
Ҷуз ашки ҳасрат намонд.

Эй сад вои ғарибӣ,
Эй сад вои ғарибӣ.

## ДИЁРАМ

Диёрам, Тоҷикистон, зодгоҳам,
Сари ҳар санг бошад қиблагоҳам.
Агарчи Равшанам хонанду Ҷамшед,
Вале дар асл ман ҳамсони шоҳам.

## БАРОИ МУНИРА РАҲИМОВА

Хушо, хуршеди оламтоб рахшад,
Ба шабҳо доимо маҳтоб рахшад.
Миёни журналистони суханвар,
Мунира чун дури ноёб рахшад.

## КУҶО ДИГАР ПАДАР ЁБАМ?

Ба дил файзи саҳар ёбам,
Ба ҳар коре зафар ёбам,
Ҳазорон киса зар ёбам,

Вале афсӯс, сад афсӯс,
Куҷо дигар падар ёбам?

Ҷигарбандаш гуле будаст,
Падар чун булбуле будаст,
Барояш ҳамдиле будаст.

Вале афсӯс, сад афсӯс,
Куҷо дигар падар ёбам?

Қарини одамон гардам,
Агар шоҳи замон гардам,
Агар гирди ҷаҳон гардам,

Вале афсӯс, сад афсӯс,
Куҷо дигар падар ёбам?

Ҳаёти бепадар сахт аст,
Ҷигар садпораю лахт аст,
Ҳамеша ҳамраҳам бахт аст,

Вале афсӯс, сад афсӯс,
Куҷо дигар падар ёбам?

Падардорон ҳама шоҳанд,
Падарҳо баҳри мо моҳанд,
Ба мо дар умр ҳамроҳанд,

Вале афсӯс, сад афсӯс,
Куҷо дигар падар ёбам?...

## СОЗАД

Ҳар кас, ки ҳамеша худнамоӣ созад,
Аз ҳастии хеш доимо гар нозад.
Охир ба ҷаҳони хеш танҳо монад,
Дар кӯчаи умри худ гадоӣ созад.

## МЕТАРОШЕМ

Буте аз санги хоро метарошем,
Чу як сарви дилоро метарошем.
Самарқандам самар дигар наорад,
Душанберо Бухоро метарошем.

## МУҚИМЕМ

Ба кӯҳистон тамоми умр муқимем,
Ҳамефахрем мо халқи қадимем.
Ба дарди синаҳо дармон наҷуста,
Ҳамелофем мо доно ҳакимем.

## ЛОФ

Сухан аз Шабнаму Фарзона гуфтем,
Ғами олам ба сад ғамхона гуфтем.
Ба бад гуфтан чунон одат намудем,
Ки худро оқибат девона гуфтем.

## БАДГӮИ ЧАРО?

Эй тиҳиандеша, хому фарди бадгӯӣ чаро?
Шер пиндорӣ худатро, лек чун мӯӣ чаро?
Пеши кас созӣ зи худ алломае дар ҳар нафас,
Бадхисолу бадсиголӣ, доғ дар рӯӣ чаро?

## ОДАМУ ОДАМГАРӢ

Одаму одамгарии ту ҳама симу зар аст,
Гапи ҳақро нашнавӣ, азбаски гӯши ту кар аст.
Баҳри молат метарошанд аз ту як алломае,
Ҳеҷию аммо туро гӯянд чун шери нар аст.

## ЗӮРӢ

Лофӣ аз инсонӣ, лекин ҳамчу шайтонӣ чаро?
Мекашӣ моро ба сӯи сад парешонӣ чаро?
Аз мусалмонӣ надорӣ ту хабар дар зиндагӣ,
Ҳарфҳо дар пеши мардум аз мусалмонӣ чаро?

## ЛАФЗИ ДАРӢ

Ба ҳар чо ошиқи лафзи дариям,
Қарини номи поки Рӯдакиям.
Маҳалбозон маҳалбозам махонед,
Ватанро дӯст ман аз кӯдакиям.

## СИТАМГОР

Ту аз бухлу ҳасад гардидӣ бемор,
Наӣ бар номи неки худ сазовор.
Маро чун дӯст баҳри худ нахонӣ,
Ки дар назди манӣ умре ситамгор.

## МАН ТОҶИКАМ

Ватан бошад бароям кони армон,
Азиз аст мисли ҷону модари ҷон.
Ба ҳар ҷое қадам монам ба олам,
Бифахрам аз диёрам Тоҷикистон.

## ХАТЛОНИЯМ МАН

Нагӯям аштӣ, ё хатлониям ман,
Хисорӣ, ванҷӣ, ё раштониям ман.
Ба пои ҳар маҳал хоре халад гар,
Ҳамедонед як қурбониям ман.

## АФТОДАЕМ

Амри тақдир аст ин ҷо мо ғариб афтодаем,
Сахт беморему ин ҷо музтариб афтодаем.

Ҳар хасу хори Ватан бахшад ба дида равшанӣ,
Мо дар ин маскан ғарибу бенасиб афтодаем.

Тоҷики саргаштаи афгору дар ишқи Ватан,
Гӯиё дар мулки кас мо бе табиб афтодаем.

Ман-манӣ дорем мо аз ганҷи фарҳанги куҳан,
Сода- сода зиста андар фиреб афтодаем.

Худшиносӣ гавҳари қимматбаҳое будааст,
Эй Набӣ, бо дӯстони худ қариб афтодаем.

## КОРИ НЕК

Дар ин дунё на ту монӣ, на ман монам, на он монад,
Фақат аз кори нек овозаҳо бар мардумон монад.
Аё, эй чоплусони замона хуб медонед,
Эмоми оқили мо то ба охир қаҳрамон монад.

## ЁДАТ БА ХАЙР

***Дар сӯги полковник Рустам Убайдуллоев***

Бар бахти хешу рози ҷибиллат гиристам,
Бар дарду доғу нолаву иллат гиристам.
Хоки Ватан маро бувад волотар аз биҳишт,
Умре барои Рустами миллат гиристам.

## ЁДАТ БА ХАЙР БОД

***Дар сӯги холаи Зебуннисо, ҳамсари устод Лоиқ***

Ҷои ту бошад кунун андар биҳишти ҷовидон,
Номи ту бошад маро то зинда бошам дар забон.
Ҳамнафас будӣ ту умре шоири дилдодаро,
Розӣ рафтӣ ту зи олам сӯи ёри меҳрубон.

## БА ДИДАНАТ ЗОР ШУДАМ

Модар, модар ба диданат зор шудам,
Дур аз ту ба мулки мардумон хор шудам.
Ҳар сангу гули Ватан баҳоре дорад,
Бемор наям, зи дурӣ бемор шудам.

## МОДАР, МОДАР

Модар, модар ба ҷон баробар бошӣ,
Бо дасти дуо ба ман ту ёвар бошӣ.
Фарзанди ғарибї ту дигар танҳо нест,
Маҳтоби шабам, маро ту раҳбар бошӣ.

## ДУОИ МОДАР

Ду дасти дуои модар аст тиру камон,
Бо дасту дуои модарам ман ба амон.
Дар мулки мусофирӣ хатар дар пеш аст,
Ду дасти дуои модар аст ёрирасон.

## НАДИДАМ

Ба хоби хеш таъбире надидам,
Ба кори хеш тадбире надидам.
Ба зоҳир шоду дилҳо хуфта дар ғам,
Дили шоди муҳоҷире надидам.

## ҲОЛИ МУҲОҶИР

Ба мулки мардумон гаштем дилгир,
Аҷаб ҳоли баде дорад мусофир.
Баҳоре дар ватан будем хушҳол,
Ҷавонӣ рафту мо гардидаем пир.

## БИНАД МУРОДЕ

Ба рӯзе ошиқе бинад мароде,
Кунад шукрона аз доду надоде.
Чу ман муштоқи ҳусни рӯи Меҳан,
Дилам аз дурияш ояд ба доде.

## МУЛКИ ҒАРИБОНА

Ин мулки ғарибона безор маро карда,
Ду чашмаки фарзандон ночор маро карда.

Будам чу гули гулшан дар боду ҳавои хуш,
Ин олами пурғурбат чун хор маро карда.

Ҷуз ёди Ватан набвад дар қолаби ҷони мо,
Дурии Ватан сад раҳ бемор маро карда.

Зебост Ватан гӯянд дар гӯши дилам мурғон,
Аз хоби гарон ин ғам бедор маро карда.

Ҷаннат ба Ватан бошад, дӯзах ба ғарибиҳост,
Мансураму ишқи ӯ бар дор маро карда.

Аз баҳри Набӣ хуш нест дурӣ зи диёри хеш,
Ин қиссаи ғамолуд афгор карда.

## ОЧАҶОН

То ҳанӯз як лолае аз гулшанед, эй очаҷон,
Шоми торикро чу моҳи равшанед, эй очаҷон.
То ба сад соли дигар монед дар олам ҷавон,
Мисли дунёву баҳораш навҷавонед, очаҷон!

## ПАЗМОН

Дур аз он хонаву дар ман,
Дур аз он хоки кишвар ман.
Мусофир гаштаам, эй вой,
Шудам пазмони модар ман.

Ба гуфтораш шудам пазмон,
Ба дидораш шудам пазмон,
Ба осораш шудам пазмон,
Шудам пазмони хоҳар ман.

Агарчи бе падарҷонам,
Варо бо худ қарин донам,
Агарчи худ падар гаштам,
Шудам пазмони додар ман.

Писарҳо гар падар гӯянд,
Маро нуре басар гӯянд.
Падаргӯеш мефорад,
Шудам пазмони духтар ман.

## МО ҲАМ МЕРАВЕМ

Аз ин ҷаҳон, аз ин макон, як рӯз мо ҳам меравем,
Бар сӯи мулки ҷовидон, як рӯз мо ҳам меравем.

Суде намесозад ба мо, дунёи шуми бебақо,
Аз хона сӯи хокдон, як рӯз мо ҳам меравем.

То марг ҳастем дар талош бо орзуи бешумор,
Бошем гар Нушервон, як рӯз мо ҳам меравем.

Ин давлати бемунтаҳо, охир равад аз дасти мо,
Гардад насиби ворисон, як рӯз мо ҳам меравем.

Ҷуз кори хайр андар ҷаҳон, аз мо намемонад нишон,
Бар сӯи гӯристон давон, як рӯз мо ҳам меравем.

Ояд аҷал бар кӯи мо, аз дуриҳо бар сӯи мо,
Аз ноилоҷӣ дода ҷон, як рӯз мо ҳам меравем.

Як дам Набӣ беғам нишин, дони маломатро начин,
Гардида анбози хазон, як рӯз мо ҳам меравем.

## ХЕЗАМ

Бо шеъру сухан саҳар зи хобам хезам,
Бо бӯи гулу масти шаробам хезам.
Дар мулки касон агар ғарибам, эй дӯст,
Бо ёди ту бо қалби кабобам хезам.

## ИФТИХОР

Бигӯям, ки Самарқанд аст, агар ман бар Хуҷанд оям,
Хушиҳои Душанберо бупиндорам Бухороям.

Парешон аст тухми мо ба базри ҷумлаи олам,
Бисоти ин ғарибиро, вале бо чӣ биороям?

Ба ҳар дарде давое ҳаст андар ҳар табобатгоҳ,
Ғарибӣ ҳам аҷал бошад, чӣ гуна ман биосоям?

Паи рисқу паи рӯзӣ ҳамегардам шабонрӯзӣ,
Дилам дар сина мемирад, дур аз он кӯҳу саҳроям.

Чу булбул сӯи гул монам қадам дар ҷодаи тақдир,
Дар ин мулки ғарибӣ дар миёни шӯру ғавғоям.

Шуда бозори маҳшар баҳри моён мулки бегона,
Дар ин бозори безорӣ бароре не ба савдоям.

Қабои хусравӣ дар бар насибам шуд агар ин ҷо,
Шавад зебо агар онро ба хоку гил биороям.

Набӣ гӯяд зи мағзи ҷон, аё эй ҳамватан, бошӣ,
Касе з-ин пас нанолад то чӣ хоҳад гашт фардоям?

## БИГЗАРАД

Умри ман бо роҳпоӣ бигзарад,
Рӯзгорам бо гадоӣ бигзарад.

Омадам бар ин чаман шодона ман,
Бар чаман оӣ, наоӣ, бигзарад.

Ҳар сабоҳе шом дорад дар пояш,
Рӯзадоро, шомпоӣ бигзарад.

Ошнои ҷони мо бош, эй азиз,
Умри хуш бо ошноӣ бигзарад.

Эй Набӣ, андешаи фардо макун,
Гардиши даври ҳавоӣ бигзарад.

## НАКАРДӢ, КИ НАКАРДӢ

Раҳме ба мани зор накардӣ, ки накардӣ,
Қалбам ту чу гулзор накардӣ, ки накардӣ.
Як умр ба роҳам ту басе хор ниҳодӣ,
Моро ту ба худ ёр накардӣ, ки накардӣ.

## ОФТОБИ ҲАЁТ

Як бор биёву ба сӯи ман назаре кун,
Аз меҳру муҳаббат ба дили ман хабаре кун.
Эй он ки ту бахшӣ ба дилам зӯру тавоне,
Аз баҳри Худо сӯи ғарибон гузаре кун.

## ҒАРИБИ МУЛКИ КАС МАН

Дар ин олам ғариби мулки кас ман,
Каси беқадр ҳамчун хору хас ман.

Агар Масковро дунё шиносад,
Душанберо ҳамеша дар ҳавас ман.

Гадои мулки худ будан таманност,
Бурун аз мулки худ бедодрас ман.

Агар дороиву гӯянд муҳоҷир,
Яқин гардад, ки камтар аз магас ман.

Ватан, дороиям танҳо ту бошӣ,
Ту медонӣ, ки бе ту ҳеч кас ман.

## ҒАЙБАТЧИЁН

Моро ба ғайбат доимо бадноми олам мекунанд,
Худро ба сад лофу газоф ҳамтои Ҳотам мекунанд.

Дар ғайби мову ту сухан гӯянд бо писханду бас,
Ин ҳосидон сад синаро дорои мотам мекунанд.

Бар гушнагон кай нон диҳанд, обе набахшанд бар касе,
Моро ба ин рафтори худ як умр сархам мекунанд.

Покиву покизадилӣ танҳо Худо донад, ки чист,
Як қатраи гандидаро боло зи Замзам мекунанд.

Як сӯ ҳама ҳақношинос як су ҳама шайтонсифат,
Сӯи дигар зарношинос, худ қадри зар кам мекунанд.

Дарёи номардӣ равон бошад ба баҳри даври мо,
Ин дилсиёҳони дағал чашми ҳама нам мекунанд.

Хоҳанд, ки ин мискин Набӣ хандад ба мулки беғамӣ,
Ғампарварони рӯсияҳ дилҳо чу пурғам мекунанд.

## ИД МУБОРАК БОШАД!

Тоҷикистон!
Ватанам!
Ид муборак бошад!
Пораи ҷону танам
Ид муборак бошад!

Фахр дорам, ки басо сарвату миллат дорам,
Сарарбаландам ба ҷаҳон, ҳомии давлат дорам.
Такя бар ҳастию болоии Парчам дорам.

Тоҷикистон!
Ватанам!
Ид муборак бошад!

Раги хунгарди ман аз чашмаи ту сероб аст,
Ба Худо, хоки раҳат гавҳараки ноёб аст.
Меҳри ту дар дили ман шуълаи оламтоб аст.

Тоҷикистон!
Ватанам!
Ид муборак бошад!

## БАЛО ДАР ПЕШ АСТ

Ҳизбсозони хатокор бало дар пеш аст,
Мурдану сӯхтану заҳри вабо дар пеш аст.
Ганҷи осудагиро то ба абад меҷӯед,
Дар қиёмат ба шумо қаҳри Худо дар пеш аст.

## НОҶУР БУД

Гар бихонӣ пеши ноаҳлон суруд,
Таъна созанд савти он ноҷӯр буд.

Чашми ҳақбинро намебинад касе
Ғайбат ороянду гӯянд кӯр буд.

Садри маҳфил гашт рӯбоҳи дағал,
Толеи озодамардон шӯр буд.

Дар ҷаҳон аҳли хирад озурдааст,
Зиндагӣ аз баҳрашон бенур буд.

Доимо душмантарошӣ мекунем,
Мо намедонем, ки зору зӯр буд.

Ар Набӣ мирад чу ошиқ бар Ватан,
Ошиқон гӯянд: ӯ раҳдур буд.

## ҶӮРАБЕК

Дигар наояд бар ҷаҳон чун Ҷӯрабек овозхон,
Ӯ номи миллатро бибурд бо хеш бар рӯи ҷаҳон.
Қадраш насозад бок нест, ноодаме, иғвогаре,
Дар ҳар маҳофил оқилон хонанд ӯро қаҳрамон.

## ХАЗОН ГАРДАД

Баҳори умри номардон ба поизе хазон гардад,
Сиришки талхашон чун ҷӯй аз дида равон гардад.

Ба пирӣ мерасӣ рӯзею меафтӣ зи пои хеш,
Надидам одамеро, ки дубора навҷавон гардад.

Ба ҳар кас ору номус нест деву дад бихонедаш,
На ҳар як нотавоне рӯзи майдон паҳлавон гардад.

## ВАБО

Аз дасти вабо рӯйканиҳо кардем,
Бо теғи ҷафо мӯйканиҳо кардем.
То оби азои мо наояд бар ҷӯй,
Бо ҳавсала мо ҷӯйканиҳо кардем.

## ДОНЕД

Ин мансабу мол чирки даст аст, донед,
Ҷӯяндаи он одами паст аст, донед.
Як рӯз агар зафар кунанд дар майдон,
Рӯзи дигаре айни шикаст аст, донед.

## ГУЛЗОРИ ХЕШ

Меравам чун булбулон дар арсаи гулзори хеш,
Гул агар пажмурда гардад, боз монӣ зори хеш.

Нохалаф гар носазо гӯяд чизе бар худ магир,
Дона меҷӯяд гадо дар гӯшаи анбори хеш.

Дар ғарибӣ ҳамнишини марду номардон шавӣ,
Ту мафахр чун дигарон аз фӯтаву дастори хеш.

Молу сарват чирки даст, як нафас андеша кун,
Лаҳзаи болоравиҳо фикр кун аз кори хеш.

Гар Худо боло бубардорад гузар имтиҳон,
Ҳеч гаҳ аз худ марав бо ин ҳама тӯмори хеш.

Лаҳзаи тангӣ ҳамеша бар Худо шукрона кун,
Гарчи ҳарфе бишнавӣ бо тундӣ аз ғамхори хеш.

Лаҳзаҳои зиндагонӣ лаҳзаи буду набуд,
Сабт кун ин қиссаро дар дафтари ашъори хеш.

Зиндагии мо, Набӣ, рӯзе ба поён мерасад,
Ҳарфи беҷое магӯ ҳаргиз ту дар гуфтори хеш.

## ХОНАВУ ДАР КАРДААМ

Эй Ватан, дур аз бари ту хонаву дар кардаам,
Пораи хоки туро гӯё паси сар кардаам.

Мулки ғурбат ризқу рӯзиям физояд ҳар замон,
Лек ҳар дам ман ба ёдат дидаро тар кардаам.

Таънаҳои нокасонро бишнавам дар ҳар қадам,
Чораи дигар надорам, гӯши дил кар кардаам.

Ҳафт пуштамро ҳамехоҳам, ки бошад дар Ватан,
Бо хирадмандӣ ҳамеша шукри сарвар кардаам.

Ганҷи Қорун гар насибам нест, лекин Ҳотамам,
З-он ки хокатро ба дида пораи зар кардаам.

Дар дифоят доимо омодаам бо нақди ҷон,
Аз дилу ҷон ман ба фардои ту бовар кардаам.

Аз Набӣ ҷуз ҳарфи меҳри хештан чизе маҷӯ,
Хешро дар роҳи ишқи ту музаффар кардаам.

## НА ТАНҲО МОДАРӢ

Ту дар ин олам барои ман на танҳо модарӣ,
Ҷон хуш асту лек ту аз ҷони ширин хуштарӣ.

Бе падар гаштам калону хеш ҳам гаштам падар,
Модари ҷон, то ба ҳоло аз бароям сарварӣ.

Баҳри рӯзӣ ман ғарибӣ кӯ ба кӯям, сад дарег,
Давлати ман, ҳастии ман аз ҳама болотарӣ.

Чашм бар роҳи манӣ, эй модари хунинҷигар,
Ашк мерезию аз ин гиряат дарди сарӣ.

Ҷони ман бодо фидоят, модари раҳинтизор,
Зар азиз бошад, валекин ту азизтар аз зарӣ.

Эй Набӣ, ин панди некӯро бузургон гуфтаанд:
«Қадри зар заргар бидонад, қадри ҷавҳар ҷавшарӣ».

## РОҲИ АҶАЛ

Аҷал парво надорад гар ҷавонӣ,
Ва ё Искандари давру замонӣ.
Нагирад ришваву ҷон меситонад,
Ба пои хеш бар сӯяш равонӣ.

## ҲАМРАҲАТ НЕСТ

Касе дар гӯри торик ҳамраҳат нест,
Дар он ҷо моли олам дар барат нест.
Ба ҷуз хайру сахову меҳрубонӣ,
Ба рӯзи ҳашр дигар ёварат нест.

## ҲУШДОР

Ту соҳибмансабиву «Ҷип»-саворӣ,
Хушомадгӯ ба бар бисёр дорӣ.
Худоро ёд кун, рӯзе аз ин дор,
Ба дунёи адам по мегузорӣ.

## СОЗАМ САДОЯТ

Ба дуриҳо равам, созам садоят,
Шавам пазмони ҳусни дилрабоят.
Агар садди раҳам гардад замона,
Намеоям бурун ман аз вафоят.

## ГУРЕЗОН

Бигашта хоб аз чашмам гурезон,
Ба ҷои хилми дида ашки сӯзон.
Шифокоро, биё, дардам даво кун,
Танам дар ишқи покат беди ларзон.

## ТОБЕ НАДОРАМ

Дигар бар дарди ту тобе надорам,
Шабу рӯз аз ғамат хобе надорам.
Ба ҷуз Фирӯзае аз боғи Мирзо,
Ба худ як дилбари бобе надорам.

## НОКОМӢ

Туро афсона месозам Гуландом,
Шаби васлат бинӯшам бода аз ҷом.
Ба ҳар манзил харидори ту бошам,
Ба ишқи ту набошам марди ноком.

## ЗАНИ ТОҶИК

Зани тоҷик зибас эҷодкор аст,
Зани тоҷик қарини рӯзгор аст.
Шаби тор аз ҷамолаш ҳаст равшан,
Зани тоҷик гулбарги баҳор аст.

Зани тоҷик зи гул ҳам дилрабоӣ,
Зани тоҷик боғи пурсафоӣ.
Зани тоҷик биҳишти ҷовидонӣ,
Зани тоҷик доим хушлиқоӣ.

Зани тоҷик соҳибэътиборӣ,
Ту чун нахли шукуфон дар баҳорӣ.
Набошӣ ҳавлӣ монанди мазор аст,
Фақат ту посутуни рӯзгорӣ.

## МЕЗАНАД ЛОФ

Расад гар сар маро бар қуллаи Қоф,
Ниҳанд бар синаам гар ҳосидон шоф.

Ғараз ман бар касу нокас надорам,
Нависам матлабамро бо дили соф,

Вале тарсам зи гайбатпешагон аст,
Ки ғайбат карда доим мезананд лоф.

Ба халқу мамлакат коре надоранд,
Басо норозиянд аз адлу инсоф.

Бигуфтам, бори дигар боз гӯям,
Ки ин номардумон duранд зи алтоф.

## БО СИНАИ АФГОР РАВАД

***Дар ёди Аҳлиддин, ки се тифли ӯ ятим мондаанд***

Вои он марди ҷавоне, ки ба ночор равад,
Аз канори ҳама бо синаи афгор равад.

Дар ҷаҳон нахли хазонгардида ҳам бисёр аст,
Ҳасрату ҳайфи ҷавоне, ки зи гулзор равад.

Аблаҳонро бирасад умри дароз, аммо зуд
Амали чарх чунин аст, накӯкор равад.

Даҳри фонӣ бибарад бохирадонро бар хок,
Гули нашкуфта нигар, аз бағали хор равад.

Чашми Усмону Умар, Юсуфаш андар роҳ аст,
Нақши ӯ оқибат аз ин дару девор равад.

Ҷои ӯ соз, Худоё, ба чаманзори биҳишт,
Ашк дар ёди вай аз дидаи хунбор равад.

## МЕРАВАМ

Модаро, ман аз ғарибиҳо ба сӯят меравам,
Аз диёри бе ҳабибиҳо ба сӯят меравам.
Дарди дилро доруе дар ин макон пайдо нашуд,
Аз макони бе табибиҳо ба сӯят меравам.

## ДАСТИ ДУО

Дасти дуои туст мададгори кори ман,
Ҳар субҳу шом ҳастӣ ту дар интизори ман.
Дур аз ту буданам басе мушкил бувад ба ман,
Дар роҳи туст доимо чашмони чори ман.

## ПАЗМОНИ РӮЯТАМ

Пазмони рӯятам, гуло, ҳайрониям бубин,
Аз пушти зиндагӣ ҳама сарсониям бубин.
Дар пеши ту чамиданам ҳар лаҳза орзуст,
Чун кӯдакон бигӯямат нодониям бубин.

## МЕРАВАД

Бар сӯи ту ғарибӣ ту як рӯз меравад,
Умре ба орзуи ту ҳаррӯз меравад.
Дар орзуи ту буванд, арчи ҳазорҳо,
Дар синаҳо ба ёди ту сад сӯз меравад.

## НАКӮТАР АСТ

Хоки Ватан малоҳату номи Ватан зар аст,
Аз Маскаву Париж Душанбе накӯтар аст.
Меҳри Ватан зи синаам бо зар намеравад,
Хуш бод, он ки дидани Меҳан муяссар аст.

## МЕХОҲАД ДИЛ

Гулрӯву гулу гулоб мехоҳад дил,
Дар сояи меҳр об мехоҳад дил.
Бе лаъли лабони ту нахоҳам бода,
Аз лаъли лабат шароб мехоҳад дил.

## ШИКАСТ

Нокасе хайре намуду қадри Ҳотамро шикаст,
Доруи носозгоре қадри марҳамро шикаст.
Саҷдаҳои бо риёи худнамои бенамак,
Дар миёни аҳли олам қадри одамро шикаст.

## АЗ ИН ДОРУЛФАНО РАФТӢ

***Дар сӯги Мунира Хакимова***

Шарики тӯи ҳар манзил,
Гуле хушранги ҳар маҳфил,
Накӯандеши соҳибдил,

Расид иду зи мо рафтӣ,
Аз ин дорулфано рафтӣ.

Будӣ ту беҳтарин инсон,
Лабат буд доимо хандон,
Ҳунарманди ҳунармандон,

Расид иду зи мо рафтӣ,
Аз ин дорулфано рафтӣ.

Ту будӣ фарди хушгуфтор,
Гуле будӣ ту дар гулзор,
Зи дасти марги одамхор,

Расид иду зи мо рафтӣ,
Аз ин дорулфано рафтӣ.

Қадамгоҳат гулистон буд,
Зи ту олам чароғон буд
Ба дил шодӣ фаровон буд,

Расид иду зи мо рафтӣ,
Аз ин дорулфано рафтӣ.

Намонда ҳеҷ ҳамтоят,
Шудам пазмони овоят,
Ҷаҳоне буд шайдоят,

Расид иду зи мо рафтӣ,
Аз ин дорулфано рафтӣ.

## ГИРИФТОРИ БАЛО ШУД

Ҷаҳони мо гирифтори бало шуд,
Ҳама бар коми вирус мубтало шуд.
Хати ҳар марзро маҳкам бикарданд,
Ғами олам насиби бенаво шуд.

## ДИЛБАРИ ДИЛХОҲИ ТУ

Меравад аз пеши чашмат дилбари дилхоҳи ту,
Мебарад аз пеши дида офтобу моҳи ту.

Бо тиҳимағзони бадандеш будан хуб нест,
Гӯшаи танҳоӣ гирӣ бод равшан роҳи ту.

Аз хатоандешӣ қадри хеш барҳам мезанӣ,
Он замон дар зиндагонӣ фарди ноогоҳи ту.

Пеш аз маргат бихонанд дӯстони носипос,
Ояти бухлу ҳасадро дар сари арвоҳи ту.

Эй Набӣ, аз кӯи мансаб мегурезӣ рӯзу шаб,
Нашнавад гӯши касе дар зиндагонӣ оҳи ту.

## ЗОР ГАРДАД

Чу ошиқ бар муҳаббат зор гардад,
Гули андешаи дил хор гардад.

Аҷаб расме бувад андар замона,
Ки ҳар кас толиби бозор гардад.

Сухан ҳаргиз нагӯям аз садоқат,
На ҳар маъшуқ Лайливор гардад.

Ба зӯри хеш ҳаргиз тан надода,
Чу Мансур дар сарири дор гардад.

На ҳар мискини ҳақ роҳе ба худ ёфт,
Ки пул доим паи пулдор гардад.

Аҷаб бесоҳибӣ, гар зар надорӣ,
На ҳар кас бо чунин кас ёр гардад.

Чунин бозича шуд ишқу муҳаббат,
Ба дил бори муҳаббат бор гардад.

Набӣ, аз ғайбати мардони нопок,
Ҷаҳони мову ту бемор гардад.

## ДИЛ БАСТЕМ

Аз тарс ба аҳли кина мо дил бастем,
Аз доми ҳавою ҳаваси дил растем.
Андар сари мурдаи ҳавас бигристем,
Аз доми гуноҳ гӯӣ берун ҷастем.

## ЯК ТАРАФ

Як тараф рохи сафеду як тараф роҳи сиёҳ,
Як тараф беқадр бошӣ ҳамчу як домони коҳ.
Як тараф андеша аз меҳри дилу аз ростӣ,
Як тараф роҳи умеду як тараф афтӣ ба чоҳ.

## ОДАМШИНОСЕМ

Пас аз марги касон одамшиносем,
Ба даври зиндагонӣ носипосем.
Ба сахтиҳо зи ҳам гашта гурезон,
Чаро ки мо ҳама худношиносем.

## БЕҲИММАТӢ

Ба пулдорӣ ҳама ҳамтои шоҳем,
Ба вакти бепулӣ дар оҳу воҳем.
Чунон беҳиммату ноаҳлу кӯрем,
Ки бадгӯи рухи меҳрему моҳем.

## ПОБАНДИ ДУРӮҒЕМ

Чу мо аксар ҳавохоҳи дурӯғем.
Ба шир монанду лекин ҳамчу дӯғем.
Гули домони моён бӯ надорад,
Чу шамъе сӯхтему бефурӯғем.

## ЗИШТӢ

Бадандешему тунду зиштхӯем,
Ба вақти дилрабоӣ зиштгӯем.
Худоё, кун ҳидоят ҷумла моро,
Набӣ, дар зиндагонӣ номҷӯем.

## БУХЛУ ГУНОҲ АСТ

Дилам анбори сад бухлу гуноҳ аст,
Нигоҳам сӯи доғи рӯи моҳ аст.
Надониста қадам монам ба ҳар кӯй,
Маро арчи ба ҳар кӯе на роҳ аст.

## ВОРУХ

Ворух аз баҳрам гули хушрангубӯи гулшан аст,
Ҷисми дардолуди ман дар ҳифзи хокаш ҷавшан аст.
Мардуми бо нанги Ворух ифтихори миллатанд,
Пораи хокаш азизу гӯшае Меҳан аст.

## МЕХОҲАМУ БАС

Як бӯсаи ошиқона мехоҳаму бас,
Оҳанги хушу тарона  мехоҳаму бас.
Дар дидаии ман баҳори якумра туӣ,
Бар дидани ту баҳона мехоҳаму бас.

## ОРЗУИ МАРГ

Орзуи мулку ҷоҳу тоҷу авранг мекунем,
Баҳри моли ночизе бо якдигар ҷанг мекунем.
Меҳрубонӣ гӯиё дар байни мо дигар намонд,
Ёд аз кайфу сафои бодаю банг мекунем.

## ВИРУСИ КАРОНА

Башар аз дасти вируси карона,
Намонад дар ҷаҳон аз худ нишона.
Наояд гар дигаргунӣ аз аз ин пас,
Чӣ месозем бо ҳоли сагона?

## АЗ ЧАМАН РАФТ

***Дар ёди Ҷурабеки Назрӣ***

Яке мурғи хушилҳон аз чаман рафт,
Яке шамъи хуше аз анҷуман рафт.
Яке донандаи асрори ирфон,
Ба қаъри хок аз хоки Ватан рафт.

## КОНИ СУХАН

***Дар сӯги падари маънавиям Тошбой Бобоев***

Эй ганҷи Ватан, бирафтӣ ту аз сари мо,
Эй зеби чаман, бирафтӣ ту аз бари мо.
Дар олами илм будӣ беҳамтое,
Эй кони сухан, бирафтӣ ту аз дари мо.

Акнун, ки туро Лучоб[1] манзил шудааст,
Номи ту қарини аҳли маҳфил шудааст.
Чун аҳли Кулолиро ту танҳо мондӣ,
Эй марди накӯ, ҷои ту дар дил шудааст.

Бар деҳаи модарӣ намеоӣ дигар,
Аз олами ишқу меҳр рафтӣ ба сафар.
Овозаи дониши ту дунё бишунид,
Имрӯз чу рафтӣ ту ба дунёи дигар.

Дидори туро хурду калон пазмонем,
Бар ҷониби хоки ту қадам мемонем.
То зинда дар ин олами навбат бошем,
Эй марди бузург, қадри ту медонем.

---

[1] **Лучоб** – манзилгоҳи абадии Тошбой Бобоев ва ӯ зодаи деҳаи Кулолии шаҳри Панҷекат мебошад.

## АГАР ЛОЛА БИРӮЯД

***Дар ёди дӯсти  азизам Абдулқаюм Раҷаб***

Агар лола бирӯяд дар баҳорон,
Бичинанду бибӯянд бас нигорон.
Ба сад қарне чу ту пайдо нагардад,
Туӣ дар синаҳои интизорон.

Ба маҳфил шамъу ҳам парвона будӣ,
Ҳамеша толиби афсона будӣ.
Дили ту монд аз охир аз тапидан,
Баландовотар аз дурдона будӣ.

Ту чун барги хазон рафтӣ, бародар,
Аз ин олам ҷавон рафтӣ, бародар.
Шудӣ истораю аз пеши дида,
Ба сӯи осмон рафтӣ, бародар.

Ҷаҳон манзилгаҳи дард асту доғ аст,
Хазони бемаҳал дар рӯи боғ аст.
Ту рафтию дили бечораи ман,
Зи ту дуру ҳамеша бе чароғ аст.

## ДАРКОР НЕСТ

***Аз забони Маъсума***

Давлату молам дигар даркор нест,
Бахт дар ҳар кӯчаю бозор нест.
Рафт хуршеди ман аз зулматсаро,
Ахтари бахтам дигар бедор нест.

Ашк мерезам ба ёдат, эй падар,
Кардӣ аз дорулфано охир сафар.

Меҳмон будиву меҳмон рафтаӣ,
Бо сиришки дида ҳайрон рафтаӣ.
Нақши поятро ҳамеҷӯям, вале
Моҳи ман аз бурҷи айвон рафтаӣ.

Ашк мерезам ба ёдат, эй падар,
Кардӣ аз дорулфано охир сафар.

Тирамоҳи ман баҳорамро надод,
Мавсими авҷу барорамро надод.
Орзуҳо дар дилам бисёр буд,
Дарди сӯзонат қарорамро надод.

Ашк мерезам ба ёдат, эй падар,
Кардӣ аз дорулфано охир сафар.

Бо ту дар боғу гулистон будаам,
Дар барат пайваста шодон будаам.
Дар Ҳисори Шодмон бо сад ғамам,
Ин замон чун санги беҷон будаам.

Ашк мерезам ба ёдат, эй падар,
Кардӣ аз дорулфано охир сафар.

## АДИБИ ДИДАЮ ДИЛҲО

***Барои Адибаи Хуҷандӣ***

Адиби дидаю дилҳо шудастӣ,
Худат гул, ҳамдами гулҳо шудастӣ.
Чу гул дар дидаи ҳар пиру барно,
Ба шеъри дилкаши худ ҷо шудастӣ.

## САФАР КАРДИВУ РАФТӢ

***Дар сӯги Саидшо Акрамов***

Аз ин дунё сафар кардиву рафтӣ,
Ба олам як назар кардиву рафтӣ.
Табиби ҳозиқи мо будӣ, аммо,
Зи ҷони худ гузар кардиву рафтӣ.

## ҒАМХОРЕ НЕСТ

Дардо, ки дар ин замона ғамхоре нест,
Синосифате, марди сазоворе нест.
Ганҷинаи илми мо дар оташ афтод,
Аз бори хазина нақди осоре рафт.

## РАФТАНД

Аз дори фано басе азизон рафтанд,
Ногуфтаа сухан зи байни ёрон рафтанд.
Бе тири адӯву нохалаф инсоне,
Бар мулки бақои худ бузургон рафтанд.

## ОШИҚОНА

***Ба Мунира Раҳимова***

Саросар ҳар нигоҳат ошиқона,
Ҳама рафтори ту ҳаст тоҷикона,
Мунира бозгӯ бар кулли мардум
Куҷо рафтӣ аз ин ТВ-и хона?

## БОЛУ ПАРЕ ҲАСТ

***Эҳдо ба Нилуфари Азиз***

Эй духтараки сафедаки хушрафтор,
Сарсабз бимон чу арчаҳо дар кӯҳсор.
Сад бори дигар барои ту мегӯям:
Ошиқ шудаам ба духтари айнакдор.

* * *

Дар ин олам туро болу паре ҳаст.
Канори мову меҳрат дафтаре ҳаст.
Ба бахти миллати тоҷики хушном,
Пас аз Гурдофарид Нилуфаре ҳаст.

* * *

Яке гӯяд ҳи меҳри дилбарона,
Дигар гӯяд зи сӯзи ошиқона.
Чунон печидааст дар ишқи миллат,
Ки дорад нозу рози тоҷикона.

* * *

Макаш ӯро даме дар банди озор,
Худовандо, азизамро нигаҳ дор.
Ба он ҳуснууба рӯю ба он мӯй,
Бар ҳар расад садҳо харидор.

* * *

Чаро ранҷидахотир менамоӣ?
Азизам, дилрабою бебаҳоӣ.
Агар булбул зи ишқи гул бинолад,
Ту худ аз дарди миллат месароӣ.

* * *

Қадам монӣ шавад манзил нурафшон,
Шавад аз накҳатат ҳар ҷо гулафшон.
Зи юмнат хори миллат гул намояд,
Аё Гурдофариди Точикистон.

## НОМАҲО

Номаҳои ту дилам тар мекунад,
Қалби ёронро мунаввар мекунад.
Эй азизи дил, ҳама шому саҳар,
Зиндагиро ранги дигар мекунад.

## НОЗАНИН АСТ

***Ба Дилбари Наҷмиддин***

Дилам дар ҳасрати рӯят ҳазин аст,
Бароям ҳар нигоҳат нозанин аст.
Ба лутфи хуш гӯям Дилбари мо,
Саросар ошиқи Раштонзамин аст.

## БАР ТУ ЗЕБАД

***Ба Дилафруз Қурбонӣ***

Ҳама сайру саёҳат бар ту зебад,
Хама ҳусну малоҳат бар ту зебад.
Ватан аз ҳиммати ту мекунад гул,
Ҳама бахту саодат бар ту зебад.

## АЛФОЗИ ЗЕБОРО

***Дар ёди Абдуҳамид Ҷӯраев***

Дигар дар хоб мебинам, ҳама алфози зеборо,
Занам барҳам зи сӯзи сина базми оламороро.
Зарафшон аз Хушекат бигзарад бо печутоби худ,
Ки то бо худ барад ин дарду сӯзишҳои фардоро.

* * *

Эй марг, чароғи анҷуманро бурдӣ,
Як гавҳари гулгашти чаманро бурдӣ.
Андуҳи ғарибӣ баҳри моён кам буд,
Эҳсоси ғарибони Ватанро бурдӣ.

## ШАБИ ҚАДР

Шаби қадр аст, барои қарибон дуо кунем,
Шаби қадр аст, барои ғарибон дуо кунем.

То аз сари халқ ин вабо дур шавад,
Шаби қадр аст, барои табибон дуо кунем!

Ба сарҷамъии миллат ҳама камар бандем,
Шаби қадр аст, барои ҳабибон дуо кунем.

## ЛИБОСИ ТОҶИКОНА

***Барои Дилбар Наҷмиддин***

Ҳамегӯям, ки эй моҳи замона,
Ба ту зебад либоси тоҷикона.
Ҳамеарзад ба васфи чун ту гулрӯ,
Нависам рӯзу шаб байту тарона.

## НОЛА СОЗАД

***Ба Меҳрнигори Рустам***

Ба ҳангоме чу булбул нола созад,
Вуҷуди мухлисонро менавозад.
Ба савти дилкашу оҳанги марғуб,
Дили моро чу оташ мегудозад.

## ШАЙДОИ ДУШАНБЕ

***Барои Макнуна Ниёзова***

Манам мафтуну шайдои Душанбе,
Бубинам тарҳи фардои Душанбе.
Зи ту волотаре ҳаргиз надидам,
Ту зебоӣ чу гулҳои Душанбе.

* * *

Чу ту зебо дигар духтар набошад,
Ба касби ту зи ту беҳтар набошад.
Агар номи ҳама Макнуна бошад,
Чу ту Макнунае дигар набошад.

## ДИЛРАБОӢ

Ба як сӯ дилбаре дар дилрабоӣ,
Дигар су зӯриву ноошноӣ.
Ба як сӯ фозилон бошанд хомӯш,
Дигар сӯ коҳиле дар худнамоӣ.

## ҶУДОӢ

Ду тан дар ибтидо ҳарфи вафову меҳр мегӯянд,
Дар охир байнашон садҳо ҳазорон мову ман бошад.

## БАЙТ

Дили ман бо ватан дар зиндагонӣ шоду масрур аст,
Тани бечора, сад афсӯс, доим аз Ватан дур аст.

Шамъи мулки хомӯшон
Ёд кардам
Гиря кунам
Модарам
Дард
Гиряи шабона
Пул
Бо дуоят зиндаам
Тарс
Ғамам аз марги чандин навҷавон аст
Исфара
Бимирам
Нигоҳ
Падар медоштам
Хонаи бебарқ
Ғарибӣ
Ифтихор
Парчам
Бимирам
Ҳаром
Рӯд
Беназирам модарам
Меҳри Ватан
Созам
Баҳор
Меҳмон
Андеша
Сафар
Нури Роғун
Зи Зерobod то Дарвоз
Баста гардад
Деҳа
Зистан
Медонед
Бигардад

Шудааст
Оқи падар
Гум кардаам ман
Хонаам ҳаст
Молдорӣ.
Падарро хор карданд
Модари ҷонам бирафт
Модар аст
Пул аст
Ҳусни дониш
Ёд кардам
Ғариби мулки мардум
Кремл
Ғарибам
Ёди модар
Сафари падар
Парешонӣ
Дурӣ аз модар
Қадри намакдон
Куҷост?
Надонем
Хасу хошок
Хоб
Падар, модар сутуни хонадонам
Дар навбатем
Навкисаҳо
Додо, додо
Тоҷику ӯзбек
Барои Кӯҳзоди Фатҳулло
Тоҷикистонӣ манам
Хоки роҳ
Муҳоҷир
Боғбон
Ҷиҳод
Муҳоҷир
Менависанд

Рози ғариб
Ёди Ватан
Доштам
Парешон будааст
Ишқи Ватан
Ғурур
Меҳмон
Барои Қодири Рустам
Раъду барқ
Ҷону тан дорам
Хурӯш
Хоб
Дунёи ғарибӣ
Дар ёди меҳан
Заҳри ғарибӣ
Дарди сар
Нашкуфта рафт
Дар банди озорам
Модари ҷон
Зинда бошӣ
Расвои ҷаҳон
Мастон
Ҳақиқат
Намеёбам
Нони Ватан
Ту ҳастӣ
Ҷавон рафт
Душанбешаҳри мо овозадор аст
Эй сад вои ғарибӣ
Диёрам
Барои Мунира Раҳимова
Куҷо дигар падар ёбам?
Созад
Метарошем
Муқимем
Лоф

Бадгӯи чаро?
Одаму одамгарӣ
Зӯрӣ
Лафзи дарӣ
Ситамгор
Ман тоҷикам
Хатлониям ман
Афтодаем
Кори нек
Ёдат ба хайр
Ёдат ба хайр бод
Ба диданат зор шудам
Модар, модар
Дуои модар
Надидам
Ҳоли муҳоҷир
Бинад мароде
Мулки ғарибона
Очаҷон
Пазмон
Мо ҳам меравем
Хезам
Ифтихор
Бигзарад
Накардӣ, ки накардӣ
Офтоби ҳаёт
Ғариби мулки кас ман
Ғайбатчиён
Ид муборак бошад!
Бало дар пеш аст
Ноҷур буд
Ҷӯрабек
Хазон гардад
Вабо
Донед
Гулзори хеш

Хонаву дар кардаам
На танҳо модарӣ
Роҳи аҷал
Ҳамраҳат нест
Ҳушдор
Созам садоят
Гурезон
Тобе надорам
Нокомӣ
Зани тоҷик
Мезанад лоф
Бо синаи афгор равад
Меравам
Дасти дуо
Пазмони рӯятам
Меравад
Накӯтар аст
Мехоҳад дил
Шикаст
Аз ин дорулфано рафтӣ
Гирифтори бало шуд
Дилбари дилхоҳи ту
Зор гардад
Дил бастем
Як тараф
Одамшиносем
Беҳимматӣ
Побанди дурӯғем
Зиштӣ
Бухлу гуноҳ аст
Ворух
Мехоҳаму бас
Орзуи марг
Вируси карона
Аз чаман рафт
Кони сухан

Агар лола бирӯяд
Даркор нест
Адиби дидаю дилҳо
Сафар кардиву рафтӣ
Ғамхоре нест
Рафтанд
Ошиқона
Болу паре ҳаст
Номаҳо
Нозанин аст
Бар ту зебад
Алфози зеборо
Шаби қадр
Либоси тоҷикона
Нола созад
Шайдои душанбе
Дилрабоӣ
Ҷудоӣ
Байт

Ба матбаа супурда шуд. Ба чоп имзо шуд.
Андозаи 84Х108 1/32. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ . Ҷузъи нашрию ҳисобӣ .
Адади нашр 000. Супориши № . Нархи шартномавӣ.